ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ





# АНВОРИ ДОНИШ

E-mail: anvor.donish@kgu.tj Нашрияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*
www.anvor.tj №7 (343) 13-уми октябри соли 2023, ҷумъа (оғози нашр: соли 1994)

## ШОҲҶОИЗАИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ТОҶИКИСТОН-ВАТАНИ АЗИЗИ МАН" НАСИБИ МО ШУД!




Бо мақсади баланд бардоштани савияи дониш ва малакаю маҳорати аҳолии мамлакат имрӯзҳо дар саросари кишвар як қатор озмунҳои ҷумҳуриявӣ ба роҳ монда шудаанд, ки яке аз онҳо ин озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-Ватани азизи ман" ба шумор меравад.

Озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон-ватани азизи ман" таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нави соҳаи санъат, баланд бардоштани мақому маҳорати касбӣ, тақвият бахшидан ба касбияти баланди ҳунари иҷрокунандагӣ ва эҷоди мусиқии нав, инчунин таълифи ашъори баландғояи ватандӯстона, дарёфти беҳтарин намунаҳои оҳанг ва сурудҳои тараннумгари дастовардҳои замони истиқлоли давлатӣ, ба роҳ монда шудааст.

Санаи 5-уми октябри соли равон дар Театри давлатии академии опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ маросими ҷоизасупорӣ баргузор гардид.

Одинаев Фазлиддин, корманди бахши фарҳанги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз рӯи "Номинатсияи навозандагӣ" соҳиби ШОҲҶОИЗА ва 50 000 сомонӣ гардид. Инчунин Қаландарбекова Моҳбибӣ, донишҷӯи соли 4-уми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг дар жанри анъанавии "Номинатсияи сароянадагӣ" (аз 18 то 40-сола) сазовори Дипломи Озмуни ҷумҳуриявии "Тоҷикистон - Ватани азизи ман" гардид.

Имрӯз дар вазъияти тантанавӣ ғолибонро дар саҳни донишгоҳ муовини раиси шаҳри Кӯлоб Даминзода Арафамо, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳ номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини ректор оид ба тарбия дотсент Сафарзода Мунир, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, дотсент Шарофат Худойдодова ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни донишгоҳ бо як шукӯҳу шаҳомати хоса бо гулу гулдастаҳо истиқбол намуданд.

Сипас дар бинои маъмурии донишгоҳ ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид. Нахуст муовини ректор оид ба таълим дотсент Абдусамадзода Эраҷ суханронӣ намуда, ғолибон ва роҳбарашонро барои расидан ба ин муваффақияти назаррас табрик намуда, дар корҳои минбаъдаашон барору комёбӣ хост.

Сипас муовини раиси шаҳри Кӯлоб Даминзода Арафамо суханронӣ намуда, табрикоти раиси шаҳри Кӯлобро ба аҳли нишаст расониданд. Ҳамзамон қайд намуд, ки ҳамагӣ чанд рӯз пеш Сулаймони Абдуқаҳҳор, омӯзгори фанни физикаи Мактаби Президентӣ дар озмуни ҷумҳуриявии "Омӯзгори сол - 2023" ғолиб дониста шуд.

Сипас, ғолибони озмуни миннатдории самимии худро ба Пешвои муаззами миллат барои ташкили чунин озмунҳо баён доштанд.

Раёсати донишгоҳ Одинаев Фазлиддин, Қаландарбекова Моҳбибӣ ва кормандони бахши фарҳанги Донишгоҳро барои ноил шудан ба ин дастоварди бузург самимона муборакбод намуда, дар корҳои минбаъдаашон барор мехоҳад.

### СУХАНРОНӢ ДАР ИҶЛОСИ 78-УМИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ


С. 8-9

### ПАЁМИ ТАБРИКОТИИ РЕКТОР


С. 2

### САФАРНОМА. ЗИЁРАТИ ОРОМГОҲИ УСТОД РӮДАКӢ


С. 3

### ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ


С. 6

### МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ"


С. 13

### ЗАБОН ҲАМЧУН ВАСИЛАИ СИЁСАТ ВА ДИПЛОМАТИЯ


С. 14

### ФАЪОЛИЯТИ НАВРАСОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ



С. 4

*Имрӯз қадри нуктаи мавзун намондааст,*
*Инсоф дар қаламрави гардун намондааст.* Соиб



# ПАЁМИ ТАБРИКОТИИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ПРОФЕССОР РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК БАХШИДА БА ТАНТАНАҲОИ МИЛЛӢ



Забони давлатӣ - рукни муҳимми давлатдории мустақил, кафили бақои миллату тамаддуни оламгири мо, меросрасони ганҷинаи пурҳикмату нотакрори ниёи бофазлу дониш ба шумор меравад.

Созгор омадани Рӯзи забони давлатӣ ва таҷлили Рӯзи ҷаҳонии омӯзгорро барои мардуми фарҳангдӯсти кишвар, аҳли илму маориф, соҳибони забони тавонои деринбунёд метавон рамзи неки иттиҳоду ҳамбастагӣ ва фаъолияти созандаву дастаҷамъона дар партави сиёсати хирадбунёди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат арзёбӣ намуд.

Шоёни зикр аст, ки дар саромади ин тантанаҳои пуршукӯҳи миллӣ ҳамчун нигини пурҷилои нурафкану осмоншикоф санаи муборaки милоди бунёдгузори давлати навини тоҷикон, Исмоили ғаюри даврон, пуштибони муқтадиру эҳёбахши ганҷи забон, муаллифи нодиртарин асари илмии марбут ба асолати тоҷикон - "Забони миллат - ҳастии миллат", афзояндаи нуфузи омӯзгор, Сарвари маорифпарвару қадршиноси аҳли корзор, Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Бо истифода аз минбари мусоид, муҳаббату самимияти бекарони ҳайати олимону профессорон ва коллективи бисёрҳазорнафараи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро ба Пешвои муаззаму маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати санаи навбатии камолоти умри пурбаракат изҳор дошта, барояшон сиҳатии бардавом, хушии рӯзгор ва саодати ҳамешагӣ таманно менамоем.

Бигзор, ҷилои хуршеди тобон доимо равшангару гармибахши кошонаи пурнури Шумо ва дуои неки миллат ҳамсафаратон бошад.

Муҷиби ифтихор аст, ки мо, ҳамакнун, соҳиби давлати ободу соҳибихтиёр, муқаддасоти эътирофшудаи миллӣ, Конститутсияи ормонӣ ва забони давлатии деринбунёду муқтадир ҳастем.

Чунончи огаҳӣ дорем, забони тоҷикӣ ҳамчун забони миллии давлатӣ ҳанӯз дар даврaи Сомониёни фарҳангпарвару шуҳратбахши миллат эътироф гардида, низоми коргузорӣ ба ин забон пеш бурда мешуд. Дар ин давра забони тоҷикӣ ба дараҷаи баланди ташаккули хеш расид. Аз ин рӯ, ин давраро даврaи тиллоии ташаккули забони форсӣ меноманд. Баъди нузули давлати номвари Сомониён забони тоҷикӣ марзи худро аз даст дода, мавриди ҳуҷумҳои таҳмилӣ қарор гирифта, осори ба ин забон таълифшудаи давр аз ҷониби душманони миллат оташ зада мешуданд. Дар махлут сохтани таркиби он то андозае муваффақ шуда бошанд ҳам, осори гаронбаҳои илмиву адабӣ, сабки баланди шоирона, фасоҳату балоғат, ғановати рӯзафзун ба забони тоҷикӣ чунон иқтидору масунияте бахшида буд, ки тӯли ҳазор сол ҳеҷ неруи зеҳниву ҷисмонӣ дар маҳв сохтанаш комёб нашуд.

Балки мулкдорони аҷнабӣ шефтаи шириниву равонӣ, қолабу ғановати тасвирпардозии он гашта, дар умури давлатдориву ташкили рифоҳи шахсӣ аз он фаровон баҳра бурданд.

Чунончи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид таъкид менамоянд: "Тавоноӣ ва имконоти забони мо ба ҳадде буд, ки дар тӯли ин ҳама садсолаҳои начандон мусоид ва гоҳе бисёр сахту шадид гузаштагони мо яке аз бузургтарин тамаддунҳо, ғанитарин адабиёт, зеботарин ашъор ва муассиртарин ҳамосаи миллии ҷаҳонро бо ҳамин забон офаридаанд. Зиёда аз ин, дар тӯли садсолаҳо забони мо дар паҳнои бузурги тамаддуни дунё - аз марзҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҳимолой то соҳили баҳри Миёназамин - нақши байналмилалӣ дошт ва забони мукотиба ва муҳовараи қавму халқҳои гуногун гардид".

Баъди ҳазорон соли бемарзӣ, адами давлатдории мустақили миллатмеҳвар фарзанди ҷонфидои миллат, меросбари Сомониёни шуҳратманд, пуштибони тамаддуни ориёнӣ, Пешвои дилбакафу илҳомбахши миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пуштибони қавию ояндасози миллату забон гашт.

Арҷгузории Пешвои миллат нисбат ба забони давлатӣ намунаи олии ватандорӣ ва боиси пайравии ҳар як соҳибватан аст.

Вожаҳои омӯзгор, муаллим барои фарзанди инсон ошноию муқаддасанд. Зери ин мафҳумҳои пурқимат омӯзандаи илму дониш, фарҳангу адаб ва тарбиятгари наслҳои миллат таҷассум меёбад. Муаллим шахси барумандест, ки аз хурдӣ инсонро илму адаб омӯхта, мекӯшад ӯро ҳамчун шахсияти соҳибиродаву дорои мавқеи созандаи иҷтимоӣ ба воя расонад.

**Шоёни зикр аст, ки дар саромади ин тантанаҳои пуршукӯҳи миллӣ ҳамчун нигини пурҷилои нурафкану осмоншикоф санаи муборaки милоди бунёдгузори давлати навини тоҷикон, Исмоили ғаюри даврон, пуштибони муқтадиру эҳёбахши ганҷи забон, муаллифи нодиртарин асари илмии марбут ба асолати тоҷикон - "Забони миллат - ҳастии миллат", афзояндаи нуфузи омӯзгор, Сарвари маорифпарвару қадршиноси аҳли корзор, Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.**

Омӯзгор рӯшанфикру равшанибахшест, ки дар баробари волидони мунису ғамхор, касро олами маънӣ меомӯзонад ва ба масири ҳаёти шоиста роҳнамоӣ мекунад.

Рамзи қадршиносӣ аз заҳматҳои синасӯзу машъалафрӯзи омӯзгорон - меъморони ҷомеаи мадании инсоният, мураббиёни наслҳои ҳушманду мусолиҳакори сайёра аст, ки бо қарори ЮНЕСКО аз соли 1994 инҷониб 5 октябр ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии омӯзгор дар бештар аз 100 кишвари ҷаҳон таҷлил мешавад.

Бо камоли самимият ва қадршиносӣ аз хидматҳои бедарeғ, фаъолияти пурсамару шарофатбахши омӯзгорони асил, пирони кор, талошҳои рӯзафзуни ҳамкасбони гиромӣ, кӯшишҳои мароқангези шогирдони ташнаи донишу маърифат, коллективи муқтадиру соҳибнуфузи боргоҳи илму фазл, ҷастгоҳи ҳазорон ҳазор соликони сарфарози масири илму тадрис, омӯзгорони соҳибмактабу шуҳратёр - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва дар симои онҳо, тамоми сокинони кишвар, хоса аҳли илму маорифро ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи ҷаҳонии омӯзгор табрику таҳният гуфта, барояшон тани сиҳат, рӯзгори осуда, сарбаландии ҳамешагӣ, неруи фаровони эҷодиву пӯяндагӣ, дар фаъолияти пуршарафи омӯзгорӣ ва масири нусратбахши омӯзиши мудом дастовардҳои рӯзафзун таманно менамоем.

Поянда бод нури маърифат!
Зиҳӣ то абад, забони миллат!



# ТАНЗИМ - БАРАКАТИ ЗИНДАГӢ

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди истиқлоли комил ба даст оварданаш дар марҳилаи гузариш қарор дошта, дар ин раванд як қатор қонуну қарорҳои навро ба тавсиб расонид, ки онҳо дар баланд бардоштани сатҳи иқтисодии шаҳрвандон ва барҳам додани ҳар гуна ҷашну маросимҳои бегона, ки ба заиф гардидани иқтисодиёти оилаҳо таъсирашонро мерасониданд мақсад гузошт. Яке аз ин қонунҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо" мебошад, ки аз қабули он 16 сол сипарӣ шуд. Қонуни мазкур талаботи замон буда, бо тақозои рушди ҷомеа анъана ва ҷашну маросимҳоро танзим намуда, ба ҳифзи арзишҳо ва эҳтиром гузоштан ба суннатҳои мардумӣ барои баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодии ҳаёти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Дар моддаи якуми қонуни мазкур хело хуб қайд гардидааст, ки мақсади қонуни мазкур ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии мардуми Тоҷикистон, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва гирифтани пеши роҳи хароҷоти зиёдатӣ, ки ба манфиатҳои иқтисодӣ ва фазои маънавии ҳаёти шаҳрвандон зарари ҷиддӣ ворид менамояд, иборат аст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки солҳои пеш мардум ба ҳар гуна маросимҳои беасос, ки онҳо асоси воқеӣ надоштанд, ихлоси зиёд дошта, ҳама гуна маросимҳои бегонаро ҷашн мегирифтанд, ки дар гузаронидани онҳо хароҷотҳои ниҳоят калон ба чашм мерасид. Пас аз қабул гардидани қонуни мазкур сатҳи зиндагии мардум то дараҷае баланд рафт. Дар аввали қабули қонуни мазкур шаҳрвандон моҳияти онро дуруст дарк намекарданд ва баъзеашон зидди он буданд. Баъди амалӣ гардидани талаботи қонуни мазкур мардум ба хубӣ дарк намуданд, ки ҳадафи асосии қонун ин танҳо ба мақсади баланд бардоштани сатҳи зидагии мардум ва ба ин васила даст кашидан аз ҳар гуна хароҷотҳои бемаънӣ, ки ба ғайр аз зиён дигар чизе намедиҳанд, иборат мебошад. Яке аз сабабҳои парокандашавии оилаҳои ҷавонро мо метавон дар иҷро накардани талаботи қонуни мазкур арзёбӣ намоем.

Аксари ҷавонон бо мақсади барпо намудани оила ба Федератсияи Россия рафта, бо азобу машаққатҳои зиёд соҳиби маблағи ночиз шуда, баъди бозгашт ба ватан ҳамаи онро дар маъракаи оиладорӣ сарф намуда, баъди маъракаи оилавӣ дигар аз уҳдаи зиндагӣ набаромада, боиси ҷангу ҷидолҳои оилавӣ мешаванд ва дар натиҷа оилаҳои онҳо пош мехуранд. Яке аз вазифаҳои асосие, ки имрӯз дар назди падару модар меистад, ин дуруст фаҳмондани иқтисодиёти оила ва роҳ надодан ба хароҷотҳои зиёдатӣ мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки аксари падару модарон моҳияти дурусти истифодаи иқтисодиёти оиладориро ба фарзандони худ намеомӯзанд. Фарзандони онҳо баъди ба ҳаёти мустақил қадам гузоштан ба пастиву баландии зиндагӣ тоқат наоварда, дарҳол зиндагии худро вайрон менамоянд.

Мутаассифона, то ҳол нафароне ёфт мешаванд, ки ба зиёдаравӣ роҳ дода, талаботи қонуни мазккурро вайрон намуда, ба иқтисодиёти оилаҳои худ зиён меоранд. Сабаби иҷро накардани талаботи қонуни мазкурро мо дар мафкураи паст доштани бисёри шаҳрвандон, ки онҳо аз маросимҳои диниву мардумӣ огоҳии пурра надоранд, мебинем. Имрӯз талабот ба миён омадааст, ки ба Қонуни мазккур иловаҳо ворид намуда, пеши роҳи маросимҳои зиёдатие, ки ба иқтисодиёти оилаҳо зиён мерасонанд, хотима гузорем.

Қабул гардидани Қонуни ҶТ дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо талаботи замон буда, дар баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёти мардуми Тоҷикистон саҳми муносиби худро мегузорад. Боиси ифтихори мардуми шарафманди Тоҷикистон аст, ки имрӯз ин қонуни қабулнамудаи моро дигар давлатҳо омӯхта истода мехоҳанд, ки аз таҷрибаи бойи тоҷикон истифода баранд.

***Абдулҳамид ГУЛМИРЗОЕВ,***
***номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи омодагии дифои ҳарбӣ***

*Қадри шеъри тар чи медонанд ноқистинатон,*
*Оби ҳайвон бар замини шӯра пошидан чаро? Соиб*



# САФАРНОМА. ЗИЁРАТИ ОРОМГОҲИ УСТОД РӮДАКӢ



Чанде пеш мо ба шаҳри Панҷакент сафар карда, аз ҷойҳои таърихӣ гузориш омода намудем.

Нахуст ба деҳаи Мазори Шариф - зодгоҳи устод Лоиқ Шералӣ рафта, чор гузориш аз он ҷо омода кардем. Дар аввал ба оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро, ки дар ин ҷост, ворид шуда бисёр маълумотҳои таърихӣ ба даст овардем. Хушбахтӣ ин аст, ки 17-уми сентябри соли ҷорӣ зимни ҷаласаи 45-уми Кумитаи байниҳукуматӣ оид ба ҳифзи мероси моддии фарҳангии ЮНЕСКО, ки дар шаҳри Риёзи Арабистони Саудӣ баргузор гардид, оромгоҳи Хоҷа Муҳаммад Башоро ва чанд мавзеи таърихии мо ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО ворид карда шуданд.

Сипас ба Хона-музейи устод Лоиқ Шералӣ рафта, бо бародараш амаки Ботурбек суҳбати ихтисосӣ анҷом дода, аз саргузашти ин бузургвор қиссаву ривоятҳои аҷиб шунидем. Дар хона-музей тамоми ҳуҷҷатҳову сару либосу осори устод Лоиқ ҷамъоварӣ шудаанд, ки кас аз диданаш ҳаловат мебарад. Нишонии гузоришҳои видеоиямонро дар ин бобат аз ютубканали мо мустақиман даромада, тамошо кунед.

Баъди анҷоми корҳо ва саёҳати деҳаи зебои Мазори Шариф роҳ сӯи Оромгоҳи устод Рӯдакӣ пеш гирифтем. Он қадар манзараҳои зебо моро ҳамроҳӣ мекарданд, ки кас аз диданашон дар ҳайрат мемонад. Кӯҳҳои сарбаафлок ва чашмаҳои софу ширину хунук бинандаро ба як олами афсонавӣ ворид менамояд. Маҳз чунин боду ҳавои зебо будааст, ки шахсиятҳои баруманд аз ин хок бурун омадаанд.

Оромгоҳи устод Рӯдакӣ дар ҷое қарор дорад, ки хеле зебост ва зиёратгоҳи хосу ом гардидааст. Сайёҳон аз Эрону Афғонистон ва дигар мамолики ҷаҳон ба ин ҷо хеле зиёд меоянд. Чанде пеш пажӯҳандагони эронӣ қабри Рӯдакиро зиёрат карданд ва хотироти худро дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашр намуданд. Соли гузашта яке аз равшанфикрони афғони муқими Амрико Шафиъ Айёр низ ба зиёрати оромгоҳи устод Рӯдакӣ омаданд ва маҳфили хуберо роҳандозӣ карданд. Хотироти ин сиёсатшинос дар тамоми шабакаҳои иҷтимоӣ нашр шуду хеле хурсанд аз ин ҷо барагаштанд.

Бояд зикр намуд, ки аксари ҷорабиниҳои фарҳангӣ дар ин макон гузаронида мешавад. Аз хурд то бузург шеърхонӣ мекунанду рақсу бозӣ менамоянд. Мардуми ин ҷо бисёр фарҳангӣ буда, суханашон бо шеър оғоз меёбад.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мавзеи таърихӣ хеле ободу зебо гардида, мақбара дар шакли наву замонавӣ таъмир шудааст. Инчунин, дар қисмати рости он китобхонаи барҳаво ва осорхонаи Рӯдакӣ таъсис дода шудааст. Мо аз китобхона ва осорхона



дидан намудем ва гузорише ҳам омода кардем. Тамоми осори Рӯдакӣ ва ковишҳои илмие, ки дар ин ҷо гузаронида шудаанд, маҳфуз мебошанд ва аз таърихи мо далолат мекунанд.

Дар роҳрави оромгоҳ байтҳои хеле зебои устод Рӯдакӣ дар тоблуҳо бо хатти форсӣ ва кирилӣ навишта шудаанд, ки дилхоҳ бинанда аз хондани онҳо ғизои маънавӣ мегирад.

Дар осорхонаи Рӯдакӣ пайкараи устод аз сахттарин санг - санги хора вуҷуд дорад, ки он аз ҷониби пайкаратароши арманӣ Арутунян тарошида шудааст. Инчунин дар ин ҷо пайкарае ҳаст, ки симои аввалини устод Рӯдакӣ дар он нақш бастааст. Он дар натиҷаи ковиши қабри устод Рӯдакӣ ба даст омадааст.

Соли 1956 экспедитсия таҳти роҳбарии чеҳрашиноси рус Герасимов М.М. сурат гирифта буд ва аз рӯи устухонҳои косахоаи сари устод ин муҷассама соли 1957 сохта шудааст. Ин нимпайкара бо дасти худи Герасимов аз гаҷ офарида шудааст.

Бояд зикр намоем, ки ташкили экспедитсия ва ёфтани гӯри устод Рӯдакӣ ташаббуси бевоситаи устод Садриддин Айнӣ мебошад. Аз аввал ин ковишҳои илмиро устод Айнӣ пайгирӣ мекарданд, аммо мутаассифона умри устод то ба анҷом расидани натиҷаи экспедитсия вафо намекунад. Устод Айнӣ барои миллати тоҷик хизматҳои шоён кардаанд.

Роҳбари экспедитсия Герасимов М.М. ва аъзоён Раҷаб Амонов, Ранов В.А. археолог Маҳмудов Р. буданд ва дар ҷараёни кор сокинони маҳаллӣ ҳамчун коргарони кироя хизмат мекарданд.

Пеш аз оғози экспедитсия бо иштироки Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ конфронси муштарак баргузор мегардад ва Герасимов суханронӣ намуда, мегӯяд, ки агар 15 нишонаро аз қабр дарёфт кунем, пас, он қабри устод Рӯдакист. Хушбахтона, нишонаҳо ёфт шуданд ва қабри устод Рӯдакӣ муайян гардид.

Соли 1940 бо ташаббуси асосгузори адабиёти муосири тоҷик устод Садриддин Айнӣ омӯзиши мероси адабӣ ва тарҷумаи ҳоли сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сар шуд. Барои омӯзиши он Садриддин Айнӣ шахсан машғул шуда, ба диёри устод Рӯдакӣ экспедитсияҳои ҷустуҷӯӣ ташкил намуд.

Устод Айнӣ мегӯяд: "Ман имсол ба Панҷрӯдак (Панҷрӯд), ки ҷойи қабри Рӯдакист, алоқадор будани Рӯдак ва бо вай дар як район будани онро аз манбаъҳои бисёр кӯҳна ёфта, бо пурсуков аз як каси фаробӣ дар ҳақиқат мавҷуд будани ин қишлоқро шунидам, ки ин маълумотро секретари райкомпартияи Панҷакент рафиқ Муҳаммадиев таъкид карда буд ва баъд аз он дар асоси ҳамин маълумот экспедитсияи расмӣ фиристода шуда буд, ки вай ҳам ин маълумотро тамоман тасдиқ карда омада буд."

Хулоса карда метавонем, ки яке аз ҷойи таърихӣ ва зебои Тоҷикистон ин Панҷрӯди Панҷакент аст. Ҳатман ба он ҷо сафар кунед ва қабри устод Рӯдакиро зиёрат бинамоед.

Рӯҳи устод Рӯдакӣ шод бод!

***Ҷаҳонгиршоҳ РУСТАМШОҲ, сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш"***

## Шеъри рӯз

*Рӯдакӣ*



### ОН ШИНОСАД...

***Ин ҷаҳон пок хобкирдор аст,***
***Он шиносад, дил-ш бедор аст.***
***Некии ӯ ба ҷойгоҳи бадист,***
***Шодии ӯ ба ҷойи тимор аст.***
***Чӣ нишинӣ бад-ин ҷаҳон ҳамвор,***
***Ки ҳама кори ӯ на ҳамвор аст?!***
***Куниши ӯ на хубу чеҳра-ш хуб,***
***Зишткирдору хубдидор аст.***

# СУХАНОНИ ҲАКИМОНАИ КОНФУТСИЙ

Агар дарои арзиши доштан дошт, доро мешудам ва онро ба даст меовардам.

XXXX

Бо оби хунуку нони хунук ва бозуи зери сар ҳамчунон мешавад хушбахт буд.

XXXX

Ҳар киро мешунавӣ ва мебинӣ, ғирбол кун ва он чиро хуб аст, барои худ нигоҳ дор.

XXXX

Кори бад ҳаҷи пинҳон бошад, саранҷом ошкор хоҳад шуд.

XXXX

Такаббур ва хасисӣ ҳазорон сифати хуброро мепӯшонад.

XXXX

Марди бузург ҳамеша ором аст ва марди кӯчак - парешон.

XXXX

Ман аз ёд додани он чӣ ёд гирифтаам, ҳаргиз хаста нашудаам. Ин танҳо хидмати ночизест, ки метавонам онро ба худ нисбат диҳам.

XXXX

Мардеро, ки омодаи омӯхтан аст, таълим надодан, инсонеро ба ҳадар додан аст. Мардеро, ки омодаи омӯхтан нест, таълим додан, сухан ба ҳадар додан аст. Хирадманд на инсонро ба ҳадар медиҳад ва на суханро.

XXXX

Он ки ба фикри фардо нест, ба ғами фардо гирифтор хоҳад шуд.

XXXX

Агар хӯроки бемазза бихӯрӣ, оби ногувор бинӯшӣ ва дастҳоятро болин бисозӣ, ҳанӯз метавонӣ сурурy шодмониро биёбӣ.

XXXX

Дар ба кор бурдани калимаҳо диққат кунем, зеро мумкин аст як калима моро оқил ва калимаи дигар моро камақл ҷилва диҳад.

XXXX

Табиӣ рафтор кардан беҳтарин шеваи одобдонӣ аст.

XXXX

Барг дар ҳангоми завол меафтад, мева дар ҳангоми камол меафтад. Бингар, ки чӣ гуна меафтӣ,-чун барги зард ё себи сурх?

XXXX

Марди озодманиш дар вақти бенавоӣ устувор мемонад, дар сурате ки марди фурӯмоя ва нодон [redacted]ркашӣ мекунад.

XXXX

Х[redacted]о ба чизҳои кӯчак гирифтор к[redacted]дан, аз корҳои бузург бозмонд[redacted]н аст.

XXXX

Ҳ[redacted] андешаи бадеро дар сар ё ди[redacted] худ ҷой мадеҳ.

XXXX

Агар шумо одами нодон ва бехабар бошед ва ба ин амр пай бибаред, ин худ як навъ нишони огоҳӣ ва дониш аст.

XXXX

Кӯдакон бештар ба дастуру сармашқ муҳтоҷанд, то ба танқиду айбҷӯӣ.

XXXX

Ба сари чизҳое, ки муддатест гузашта ва нопадид шудаанд, набояд ҷанҷол ва ғавғо кард ва онҳоро набояд мавриди эътироз қарор дод ва ба чизҳое, ки дар ҷоҳи замон фурӯ рафта ва нобуд гаштаанд, набояд андешид.

XXXX

Се навъи дӯстӣ ҳаст, ки дар ҳама ҷо бо арзишу судбахш аст ва се навъи дӯстии дигар аст, ки зиёну пушаймонӣ меоварад. Дӯстӣ бо касоне, ки дар дӯстии худ пойдору бовафо ҳастанд ва дӯстӣ бо касоне, ки дурусткору ростгӯянд ва ба ононе, ки таҷрибаи бисёр доранд, судбахш аст, лекин дӯстӣ бо одамони чоплусу дурӯяву ёвагӯ, бадбахтӣ ва ҷудоӣ бор оварад.

XXXX

Марди озода пайваста мекӯшад, ки дар гуфтори худ оҳиста ва дар кирдори худ тунду тез бошад.

XXXX

Наметавонед китоберо боз кунед, бидуни ин ки чизеро ёд бигиред.

XXXX

Марди бузург бо рӯйи хуш рад мекунад ва марди кӯчак бо рӯйи турш мепазирад.

XXXX

Аз иштибоҳоти худ шармандa нашавед ва онро ҷурм надонед.

XXXX

Замоне, ки дониши як мард барои муваффақият кофӣ аст, вале тақвои ӯ кофӣ нест, ҳар чиро ки ӯ мумкин аст ба даст оварад, дубора аз даст хоҳад дод.

XXXX

Агар ба хато рафтӣ, аз баргаштан воҳима надошта бош.

XXXX

Агар як сол самаре аз коре дошта бошӣ, гандум бикор, агар ду сол хостӣ, дарахт бикор ва агар сад сол самар хостӣ мардумро тарбият намо.

XXXX

Ишқ метавонад дар маконҳои аҷибу ғариб пинҳон шавад, метавонад дар паси чеҳраҳои дӯстона махфӣ шавад.

*Дунё ба аҳли хеш тараҳҳум намекунад,*
*Оташ амон намедиҳад оташпарастро.* Соиб



# ФАЪОЛИЯТИ НАВРАСОН ДАР ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ




Марҳилаи ниҳоӣ марҳилаи мустақилона қадам ниҳодани наврас дар шабакаи иҷтимоист. Қабл аз гузаштан ба ин марҳила волидонро лозим аст бидонанд, ки ду марҳилаи профилактикии бо фарзандашон гузаронида то кадом андоза муассир гаштааст ӯро барои фаъолияти мустақилона омода сохтаст, баъдан ба марҳилаи мазкур иқдом намоянд.

Волидон набояд "ба фарзандам қоида ва шурути истифодаи шабакаи иҷтимоиро фаҳмонидам" гуфта, бепарвоӣ зоҳир намоянд. Чунки марҳилаи мазкур яке аз марҳилаҳои шахсиятсозу тақдирсоз буда, назорату диққати вижа металабад. Андак бетаваҷҷуҳӣ ва иқдоми барғалат метавонад барои онҳо ва фарзандашон фалокатбор ва ҳатто марговар бошад. Аз ин рӯ, волидонро лозим аст, то ба нуктаҳои зерин диққат дода, онҳоро дар амал татбиқ намоянд:

1. Интихоби "дӯстон"-и маҷозӣ. Волидон ба фарзандашон фаҳмонанд, ки дӯст гирифтану дӯстӣ кардан дар шабакаҳои иҷтимоии интернет ҳамон гунае аст, ки дар дунёи воқеӣ.

Ҳатто донистану шинохтани дӯсти маҷозӣ (интернетӣ) мушкилтар аз дунёи воқеист. Кас намедонад, ки паси монитор кӣ нишастаасту чӣ гуна хислат дорад.

Барои таъмини амнияти хеш фарзандатон бояд ҳамонҳоеро дар сафҳааш ба дӯстӣ бипазирад, ки дар дунёи воқеӣ онҳоро мешиносед, вомехӯред ё бо онҳо нисбате доред. Дар баробари ин, волидон низ бояд дӯстони интернетии фарзандашон бошанд. Чунки бо ин роҳ ҳам метавонанд фарзандашонро назорат кунанд, ҳам ӯро ҳимояту тарбия намоянд. Дар ин маврид дар фасли баъдӣ тавақкуфи бештар хоҳем намуд.

2. Паёмакҳо. Волидонро лозим аст, ки баъди мустақил гаштани фарзандашон дар шабакаи иҷтимоиву ҳамроҳ кардани дӯстону ҳамсинфон ва хешу ақрабо дар мавриди кор кардан бо паёмак ё одобу хатари онро ба онҳо фаҳмонанд ва дастурамалҳои зеринро ба онҳо таъкид намоянд:

- агар яке аз дӯстони интернетиаш (хоҳ ӯ ҳамсинфаш бошад ё хешу табори наздикаш ва ҳатто волидонаш) ҳангоми иртибот дар паёмак аз ӯ хостори суроғаи ҷои зисти ӯ ва волидонаш, маълумоти маҳрамона дар бораи ӯ ва волидонаш, суратҳисоби бонкӣ, рақами телефон ва дигар маълумотҳои шахсиро пурсон шавад, ҳеҷ гоҳ ба ин кор иқдом накунад, балки ҳатман волидонашро аз ин огоҳ созад. Зеро эҳтимол низ дошта метавонад, ки сафҳаи дӯсташ аз даст рафта бошаду нафаре муғризона аз ӯ маълумот кашиданӣ шавад. Агар чунин бошад, яқин донад, ки дар сафҳаи дӯсташ каси дигар нишастааст ё дӯсташ ғаразе дорад.

Вагарна суратҳисоби бонкӣ ё маълумотҳои хусусии волидони ӯ ба дӯсти интернетиаш чӣ лозиманд?

- агар яке аз дӯстони интернетиаш (ҳамсинфон, хешу ақрабо) тарики паёмак ба ӯ хабари дар ҷойи махсуси ғайримуқаррарӣ вохӯрданро диҳанд, ҳатман, бо онҳо тарики телефон (аудиоӣ ё видеоӣ) иртибот гирифта, мутмаин шаванд.

Огоҳ сохтани волидонашонро аз чунин вохӯриҳо фаромӯш насозанд.

- агар кӯдаки шуморо нафаре аз дӯстонаш тавассути паёмак таҳқиру дашном кунад, ҳеҷ гоҳ аксуламал нишон надиҳад ва посух нагардонад. Агар чунин ҳолат ба кӯдаки шумо рух диҳад, сабабашро бо роҳу усулҳои нарм аз ӯ пурсон шавед. Агар имкони бартараф кардани мушкилот миёни кӯдак ва дӯсти интернетиаш муяссар шавад, боке надорад. Дар акси ҳол ба кӯдак фаҳмонед, ки дӯсти беодобашро аз қатори дӯстонаш хориҷ намуда, ӯро дар рӯйхати сиёҳ гирад ва дигар бо ӯ иртибот барқарор насозад.

Агар ин ҳолат - кибербуллинг (озору таҳқири интернетӣ), пешгирӣ карда нашавад, эҳтимол дорад, ки ба саломатии равонии фарзандатон садама зада, ба фалокатҳои маргбор оварда расонад. Дар мавриди мазкур поёнтар таваққуфи бештар хоҳем кард.

3. Нашри бевоситаи маводҳо: Марҳилаи мазкур яке аз марҳилаҳои асосӣ ва меҳварии шабакаҳои иҷтимоии интернет ба ҳисоб рафта, самти фаъолият ва мавқеи истифодабарандаи онро нишон медиҳад.

Ин марҳила аз ду раванди асосӣ: мавод ва нашри он, иборат буда, якумӣ барои дуюмӣ замина фароҳам меорад:

Маводҳо дар навбати худ боз ба чор навъ ҷудо мешаванд:

- матнҳо. Матнро ҳар як истифодабарандаи шабака метавонад нависаду дар саҳифааш нашр намояд.

Дастрасии нашри матнҳоро низ дар шабака метавон танзим намуд. Волидонро лозим аст, ки ба фарзандашон фаҳмонанд, ки матнҳои дорои мазмуну муҳтавои диниву мазҳабӣ, динситезиву сиёсӣ, экстремистиву террористӣ, фаҳшу ғайриахлоқӣ, таҳқиркунандаву пастзанандаи шаъну шарафи дигарон ва ғайраро нашр накунад. Баъзан ҷавонон мазмуну муҳтавои матнҳоро дуруст нафаҳмидаву ҳазм накарда, аз дигар манбаъҳо ва бо дигар забонҳо нусхабардорӣ карда, дар сафҳаашон ҷой медиҳанд, ки дар натиҷа худноогоҳ дар тарғибу ташвиқи ақоиду идеологияи ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ ва фарҳангу маданияти бегона мусоидат мекунанд. Дар бештари ҳолатҳо ба мушоҳида мерасад, ки матнҳоро пур аз ғалат бо забони шикаставу вайрони тоҷикӣ менависанд. Ин дар ҳолест, ки баъди нашри мавод метавон дубора онро таҳрир намуд ва хатову ғалатҳояшро ислоҳ кард. Ҳангоми нашри матнҳо имкон дорад, ки ба матн акси сурат, видеоролику маводҳои аудиоӣ низ изофа намуд. Мутаассифона, дар бештари ҳолатҳо мазмуну муҳтавои матн бо маводи ба он изофагашта мувофиқат намекунад. Масалан, агар матн ашъори яке аз шоирони форсу тоҷик бошад, сурати ба он изофагашта акси яке аз китобҳои шоирони Ғарб аст. Ё матн мазмуну муҳтавои эротикӣ дорад, сурати ба он изофагашта мазмуну муҳтавои исломӣ. Ё матн аз ишқу муҳаббат қисса мекунаду маводи ба он изофагашта мазмуну муҳтавои хушунату зӯровариро медиҳад. Волидонро лозим аст, ки нозукиҳои навиштану нашри матнҳоро дар шабакаҳои иҷтимоӣ ба кӯдакашон бо мисолҳои воқеӣ фаҳмонида, онҳоро аз хатару паёмадҳои бади он огоҳ созанд.

- аксу суратҳо. Дар мавриди нашри аксу суратҳо ба кӯдакатон фаҳмонед, ки аксу суратҳои хонаводагиро дар сафҳааш дар маърази умум нагузорад. Онҳоро, чи тавре дар боло қайд намудем, дар албомҳои танзимшуда гузорад. Қабл аз интишори аксе аз падару модар, хешу пайвандон ё ҳамсинфону дӯстон бо онҳо маслиҳат намуда, розигиашонро дар ин бора гирад. Инчунин, аксу суратҳои маҳрамона (бараҳна ё нимбараҳна) ва шӯхиомезашро нагузорад. Зеро шухӣ метавонад боиси таҳқир ва ранҷиши ӯ аз ҷониби бадхоҳон (кибербуллерҳо) гардад.

Аксу суратҳои мазмуну муҳтавои диниву мазҳабӣ, динситезиву сиёсӣ, экстремистиву террористӣ, фаҳшу ғайриахлоқӣ, таҳқиркунандаву пастзанандаи шаъну шарафи дигарон ва ғайраро низ нашр накунад. Агар нафаре аз дӯстонаш аз дунёи маҷозӣ ё дунёи воқеӣ ба ӯ тавсияи нашри ягон аксу суратро намояд, дар мавриди мазкур эҳтиёт кунад. Чунки ин амал метавонад барояш дардисарсоз гардад. Аз гузоштани аксу суратҳои моҳияти таблиғотидошта (рекламавӣ) дар сафҳааш худдорӣ намояд. Инчунин, аз нашри аксу суратҳои фейкӣ (бардурӯғ ва тағйирдодашуда) низ эҳтиёт кунад.

- видеороликҳо. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ нашри видеоҳои хурдҳаҷму кӯтоҳ (видеоролик) дар формати mp-4 хос буда, бо ду роҳ гузошта мешаванд: видеороликҳои қаблан сохташуда ё рӯи наворомада ва навори ба тариқи пахши мустақим гирифташуда.

> **Дастрасии нашри матнҳоро низ дар шабака метавон танзим намуд. Волидонро лозим аст, ки ба фарзандашон фаҳмонанд, ки матнҳои дорои мазмуну муҳтавои диниву мазҳабӣ, динситезиву сиёсӣ, экстремистиву террористӣ, фаҳшу ғайриахлоқӣ, таҳқиркунандаву пастзанандаи шаъну шарафи дигарон ва ғайраро нашр накунад. Баъзан ҷавонон мазмуну муҳтавои матнҳоро дуруст нафаҳмидаву ҳазм накарда, аз дигар манбаъҳо ва бо дигар забонҳо нусхабардорӣ карда, дар сафҳаашон ҷой медиҳанд, ки дар натиҷа худноогоҳ дар тарғибу ташвиқи ақоиду идеологияи ҳизбу ҳаракатҳои радикалӣ ва фарҳангу маданияти бегона мусоидат мекунанд.**

Дар бештарини ҳолатҳо ному матни муаррифии наворҳо бо мазмуну муҳтавои онҳо мувофиқат намекунанд. Ба шабакаҳои иҷтимоии интернет: Фейсбук, Одноклассники, ВКонтакте, Инстаграм ва ғ. наворҳо аз шабакаи дигари иҷтимоӣ - YouTube, ки хос барои нашри видеоҳои ҳаҷман калону дарозмуддат дар интернет роҳандозӣ гаштааст, интишор карда мешаванд (ҳарчанд шабакаи мазкур миёни истифодабарандагони тоҷик мавқеи хос пайдо карда бошад ҳам, аммо то андозаи Одноклассники, Фейсбук ҷойгоҳ надошта, на ҳамаи истифодабарандагони интернет аз он ба таври васеъ истифода бурда метавонанд). Тартиби муносибат бо видеороликҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ монанди интишори матну аксҳост.

Яъне, волидон бояд ба фарзандашон фаҳмонанд, ки ҳар гуна наворҳоеро, ки дорои мазмуну муҳтавои диниву мазҳабӣ, динситезиву сиёсӣ, ифротиву террористӣ, фаҳшу ғайриахлоқӣ, таҳқиркунандаву пастзанандаи шаъну шарафи дигарон ва ғ. мебошанд, нашр накунад.

Ҳатман, дар нашри видеороликҳои тавсиявӣ аз ҷониби дӯстону ҳамсинфон эҳтиёт намояд. Қабл аз нашри видеое, ки марбут ба дигарон аст (ҳарчанд дар он навор худи ӯ ҳам бошад), бидуни гирифтани розигии онҳо дар сафҳааш ҷой надиҳад. Волидон ба фарзандашон таъкид намоянд, ки ҳар навору видеое, ки хусусияти таблиғотӣ (рекламавӣ) дорад, нашр накунад.

- аудио-маводҳо. Суруду мусиқиҳои гуногунжанр низ дар шабакаҳои иҷтимоӣ талаботи зиёд доранд. Дар баробари ин, нашиду мавъизаҳои исломӣ ва суруду таблиғотҳои динии ғайриисломӣ низ зиёд нашр карда мешаванд. Дар интихоби маводҳои аудиоӣ, шунидану дар сафҳа ҷой додани онҳо бояд кӯдакатон эҳтиёт намояд.

4. Нашри бавоситаи маводҳо. Волидонро лозим аст, ки нозукиҳои лайкингро ба фарзандашон фаҳмонанд.

Онҳоро таъкид намоянд, то худноогоҳ ба ҳар мавод лайк ё класс нагузоранд. Маводҳое, ки ташвиқ ба гузоштани лайк ё класс мекунанд, ҳеҷ гоҳ лайк нагузоранд. Ҳатто мубаллиғон роҳҳои ангушт задан ба торҳои эҳсосоти динӣ ва тараҳҳумии инсонро низ истифода намуда, аз навиштаҳое ба мазмуни ба чанд лайк (класс) арзиш доштанро низ истифода мекунанд.

Волидон бояд бо нишон додани мисолҳои рӯшан ба фарзандашон хатар ва зарари онро фаҳмонанд, то чизеро надидаву нахонда ва мазмуну муҳтавои онро дарк накарда, лайк (класс) намонад. Дар мавриди пайдо кардани маълумоти бештар муроҷиат шавад ба боби дуюми китоб.

5. Навиштани шарҳҳо. Навиштани шарҳҳоро низ мисли дигар ҷанбаҳои шабака имкони танзим намуданаш вуҷуд дорад. Яъне, танҳо дӯстони интернетии фарзандатон метавонанд ба маводҳои нашркардаи ӯ шарҳ нависанд. Инчунин, имкониятҳои дигар низ дар маҳдудияти дастрасӣ ба навиштани шарҳҳо низ вуҷуд дорад. Волидонро лозим аст, ки чанд нуктаро ба таваҷҷуҳи фарзандашон дар мавриди муносибати дуруст бо шарҳҳо расонанд:

- дар навиштани шарҳҳо одобро риоя намояд. Мантиқан дуруст ва то ҳадди имкон бидуни ғалат навишта, аз алфози қабеҳ ва дашном истифода нанамояд;

- таҳқиру озорро дар ҳаққи дигарон раво набинад. Агар фарзандатон аз дигарон таҳқиру озор бинад ҳам, аксуламал нишон надиҳад;

- барномаи лайкингро дар шарҳҳо низ амалӣ кардан имкон дорад. Аз ин рӯ, фарзандатон набояд ба ҳар шарҳҳои навишта ва маводҳое, ки мазмуну муҳтавои диниву мазҳабӣ, таҳқиру озор ва пастзанандаи шаъну шарафи дигарон, ҷангу низоъҳои байниҳамдигарӣ, ғайриахлоқӣ ва ба ин монанд лайк (класс) гузорад;

- дар шарҳҳо гузоштани аксу суратҳо, маводҳои аудио-видеоӣ ва линк (суроғаи электронӣ)-и маводҳои дар сомонаву блокҳо нашргардидаро низ ҷой додан имкон дорад. Ба фарзандатон фаҳмонед, ки аз нашри ҳаргуна маводҳои машкуку хатарнок дар шарҳҳо эҳтиёт намояд.

6. Назорати кӯдак дар шабака. Баъд аз мустақилона вориди шабакаи иҷтимоӣ гаштани фарзанд волидонро лозим аст, ки фарзандашонро дар шабака назорат намоянд. Яъне, ба гунае назорат намоянд, ки фарзандашон назорати онҳоро аз болояш эҳсос накунад, зеро ин боиси пинҳонкории ӯ мегардад.

Волидон метавонанд бо ду роҳ назоратро аз болои фарзандонашон ба роҳ монанд: барномаи "назорати волидон" ва

*Идомааш дар саҳ. 5*

дӯсти интернетии фарзандашон шудан.

- "Назорати замонии волидон" ("Родительский контроль времени") барномаест, ки назорати фарзандро дар интернет барои волидон фароҳам меорад. Барномаи мазкур дар компютер ё смартфон, ки кӯдак бо он вориди ҷаҳони интернет мешавад, насб карда мешавад.

Барномаи мазкур ба волидон имконият медиҳад, ки замони даромадани фарзандашон ба интернет ва шабакаву сомонаҳои онро донанд.

Ин барнома дар ҳақиқат метавонад бадтарин ва хатарноктарин ҳолатҳоро пешгирӣ намояд. Волидон набояд тавассути чунин барномаҳо навиштаҳои хусусӣ ё ин ки паёмакҳо (SMS)-и кӯдакро хонанд, балки барои онҳо назорати фаъолияти фарзандашонро дар шабакаҳои иҷтимоии интернет ба роҳ монанд.

Ин аз он ҷиҳат муҳим аст, ки волидон аз фаъолияти фарзандашон дар ҳаёти воқеӣ низ бохабар мешаванд. Чунин барномаҳо ба волидон кумак менамоянд, ки донанд, фарзандашон киҳоро ба дӯстӣ мепазирад, ба кадом гурӯҳҳои шабакаи иҷтимоӣ аъзо мешавад ва чӣ маводҳоеро интишор менамояд. Баид нест, ки онҳо бо ин роҳ метавонанд дар бораи фарзандашон маълумотҳои навро дониста гиранд. Чунки одатан кӯдакони калонсолтар дӯст намедоранд, ки мазмуну муҳтавои сафҳаҳои интернетиашонро бо падару модаронашон дар миён гузоранду муҳокима намоянд.

Аз ин рӯ, танҳо бо ҳамин роҳ онҳо метавонанд, ки фарзандашонро назорат намоянд. Яъне, дар бораашон чӣ менависанд, ба дигарон чӣ нақл мекунанд, чиро дӯст медоранд ва чиро не, чӣ гуна ба навиштаҳои дигарон шарҳ менависанд, чиҳоро лайк (класс) мегузоранд, киҳоро дӯст мегиранд ва ғайра. Агар фарзандашон ин амалҳоро боодобонаву нарм анҷом дода, дигаронро таҳқиру азияти рӯҳӣ наменамояд, дӯстони интернетиашон нафарони машкук нестанд, боке надорад ва волидонро лозим нест, ки дар ҳар масоили кӯчак бо фарзандашон эрод гирифта, дар фаъолияти рӯзмарраашон мамониат намоянд. Ин метавонад ба сард гаштани муносибати тарафайн оварда расонад.

- волидон метавонанд дӯсти интернетии фарзандашон шаванд ва ба фаъолияти фарзандашон дар шабакаи иҷтимоӣ назорат намоянд. Аммо набояд дар шарҳҳои менавиштаи фарзандашон дахл кунанд ва дар шарҳҳои умумӣ камбудиҳои фарзандашонро ошкоро нависанд. Онҳо ин амалро метавонанд на онлайнӣ, балки офлайнӣ сари фурсат ба фарзандашон бо роҳи нарм ва бо мисолҳои воқеӣ фаҳмонанд.

7. Маҳдуд намудани вақт. Вақти зиёдро сарфи интернет, махсусан шабакаҳои иҷтимоии он, намудан, ҳам ба саломати ҷисмонӣ ва ҳам рӯҳӣ-равонии наврасон, зарар дорад:

- саломатии ҷисмонӣ. Муддати дароз вақти худро дар рӯбарӯи экрани компютер ё телефони ҳушманд гузаронидан ба саломатии бадани кӯдак зарар дорад.

Агар кӯдак мушкилоти биниш ё дигар бемориҳои ба саломатиаш зараровар дошта бошад, ҳатман, волидон бо мутахассиси соҳа муроҷиат намоянд. Бардавом вақти худро сарфи шабакаҳои иҷтимоӣ намудан боиси ба бадҳазмӣ ва бемориҳои меъда дучор гаштани наврас мегардад. Зеро дар вақташ нахӯрдани таом ва бемавқеъ истеъмоли он ба чунин мушкилоти саломатии кӯдак боис мегарданд.

- саломатии равонӣ. Сарфи зиёди вақт дар ҷаҳони маҷозии интернет боиси муътодии кӯдак мегардад, яъне, кӯдак ба бемории вобастагӣ дучор шуда, ба таодули равониаш халал ворид мегардад.

Ҷиҳати таъмини бехатарии саломатии фарзанд волидонро лозим аст, ки вақти истифодаи фарзандашонро дар интернет танзим намоянд. Волидон бояд телефони мобилиро қабл аз хоб рафтани фарзандашон гиранд, то онҳо то дер вақти шаб машғули интернет нашаванд ва аз хоб намонанд. Интернетро дар компютер ва компютерро дар ҷойи назаррас гузоранд, то тавонанд вақти фарзандашонро танзим намоянд.

*Шонасурдинов Маъруф,*
*Халиков Масъудҷон, коршиносони соҳа*

# СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ДАР МЕҲВАРИ ИСТИҚЛОЛ



Масъалаи густариши сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар замони истиқлол яке аз масъалаи меҳварии давлатсозӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳои адабиётҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки дар рушду инкишофи сиёсати хориҷии Тоҷикистон саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

Пешвои миллат зимни ироаи Паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва гузаштаву имрӯзи он бо тозатарин роҳнамоиҳо қайд намуданд: "Сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "Дарҳои боз", сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтироми ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад". Аз ин нуқтаи назари Пешвои миллат масъалаҳои асосию меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистон барои имрӯзу фардо муайян шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баракати сиёсати сулҳҷӯёна ва ваҳдатофари Пешвои миллат тавонист дар даврони истиқлол натанҳо равобити судманд бо ҷаҳони хориҷ барқарор созад, балки бо пайдо намудани равиши хоси дипломатияи худ, ки ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст, ҳамчун як кишвари фаъол ва таъсиргузор дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ шинохта шавад.

Таъкид кардан ба маврид аст, ки барқарори равобити хориҷӣ ва шиносонидани Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари мустақил яке аз муҳимтарин ва мушкилтарин бахшҳои давлатсозӣ дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ буд.

Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи истиқлоли ҷумҳурӣ назар афканда мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёде рӯйи кор омадаанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба сари ҳокимият омадан дар нахустин муроҷиатномааш бо туфайли истиқлол аз якчанд масъалаи муҳиме ёд овардааст, ки ҳама ба соҳаи сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Аз ҷумлаи чунин масъалаҳо мебошанд:

- Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;

- Барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи кишварҳое, ки меҳоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ намоянд;

- Аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;

- Мустаҳкам кардани ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои ИДМ;

- Дар асоси усули баробар, ҳамкории дутарафаи судманд, ки кишварҳои хориҷӣ интихоб намудаанд, дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барқарор намудани муносибат бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон;

- Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Яке аз хусусиятҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати "Дарҳои боз"-и эълон намудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии "Дарҳои боз"-ро пайгирона дар амал татбиқ намуда, эҷоди воситаҳои самарабахши ба ҳам овардани манфиатҳои миллӣ ва кӯшишҳои байналмилалӣ, муттаҳид намудани саъю талошҳои ҳамаи давлатҳоро дар ин раванд имконпазир мешуморад.

Сиёсати хориҷии шаффоф ва усули "Дарҳои боз" ба он мусоидат намуд, ки Тоҷикистон узви шоистаи созмонҳои байналмилалӣ гардад ва равобити сиёсӣ ва ҳамкориҳои судмандро бо аксари давлатҳои ҷаҳон ба роҳ андозад. Тоҷикистон имрӯз дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ симои хоси худро дошта, ҳамчун узви соҳибэътибори ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохта шудааст. Сиёсати "Дарҳои боз" ба мо имкон дод, ки доираи робитаҳоро бо кишварҳои хориҷӣ васеъ намуда, сафи ҳамёрони анъанавӣ ва доимиамонро афзоиш диҳем.

Дар замони соҳибистиқлолӣ ҳадафи манд бо ҳамаи мамлакатҳои дунё;

7. Таҳкими чеҳраи матлуб ва мусбати ҷумҳурӣ дар олам;

8. Ҳифзи арзишҳои таърихию фарҳангӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ;

9. Мусоидат ба тоҷиконе, ки дар кишварҳои дигар иқомат менамоянд;

10. Ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиати шаҳрвандон дар дохили кишвар ва хориҷ аз он.

Дар тӯли солҳои Истиқлоли Тоҷикистон ба шарофати сиёсати мутавозин ва мутаносиб бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар анҷумани давлатҳои мутамаддин мақом ва манзалати шоиста касб кард. Тоҷикон бо ҳифзи вижагиҳои миллӣ ва андухтаҳои маънавии

**Сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба таърихи истиқлоли ҷумҳурӣ назар афканда мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилламлӣ иқдомҳои зиёде рӯйи кор омадаанд.**

аслӣ ва стратегияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон ин татбиқи амалии манфиатҳои олии давлат ва миллат, қабл аз ҳама ин таъмини амният, суботи сиёсиву иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди босуръат ва таҳкими иқтисоди дохилии кишвар аст.

Ин ҳадаф стратегияи санҷида, ҳамаҷониба асоснок ва дорои механизмҳои муассири робитаҳову ҳамкории фаъол бо ҳамаи давлатҳо, субъектҳои муносибатҳои байналхалқиро тақозо дорад.

Ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ ва афзалиятҳои он Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳадафҳо ва манфиатҳои миллии худ такя мекунад. Манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар марҳилаи ҳозира ва дар дурнамои наздик ба қарори зайл муайян намудан мумкин аст:

1. Ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзӣ, таъмини амнияти миллӣ, истиқлоли сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар;

2. Таҳкими суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ;

3. Таъмини шароити мусоид барои рушди устувори иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум, амнияти иқтисодӣ ва экологии мамлакат;

4. Бунёди ҷомеаи демократӣ дар асоси усули иқтисоди бозорӣ;

5. Эҷоди камарбанди ҳусни ҳамсоягии нек дар марзҳои кишвар;

6. Инкишофи муносибатҳои боэътимод, дӯстӣ ва ҳамкории мутақобилан судхуд ҳампо, ҳамнаво ва ҳамрадифи мардуми сайёра шуданд, набзи сиёсати хориҷии кишвар ба набзи сиёсати имрӯзаи ҷаҳонӣ ҳамсадо гардид.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми се даҳсолаи соҳибистиқлолии кишвар роҳи бузургеро тай кард. Таҷрибаи ҳосилшуда имкон медиҳад, ки равандҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳоро дар ҷаҳони муосир зери мушоҳида гирифта, нисбат ба онҳо назари хосаи худро дошта бошем, ба онҳо аз мавқеи худ баҳогузорӣ намоем.

Бояд қайд кард, ки корсозиҳои хираднамандона ва дурандеши сиёсии Пешвои миллат дар ҷодаи дифоъ аз сиёсати хориҷӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи арзишҳою ормонҳои миллӣ боиси афзудани эътибори байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст.

Дар ҳақиқат Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон поягузори мактаби нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад. Бо туфайли истиқлол ҳамасола ин тадбирҳоро Пешвои миллат дар Паёмҳояшон назарсанҷӣ ва баррасӣ мекунанд. Дар ҳар як паёму баромадҳояшон самтҳои сиёсати хориҷиро самти афзалиятнок дониста, барои ташаккул ва пешрафти сиёсати хориҷии Тоҷикистон тадбирҳои саривақтӣ меандешанд.

*Комилбек АМИД ЁРБЕК,*
*доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев,*
*Ҳабибулло ЗАРИФОВ,*
*ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ*

*Раҳм дар даврони давлат аз забардастон маҷӯ,*
*Муттасил зӯр оварад бар санги зерин осиё.* Соиб

Анвори дониш
№7 (343), ҶУМЪА, 13.10.2023

# ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ



Истиқлол ин пурарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар асри XX мебошад. Бо амри тақдир дар солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардид. Истиқлол дар таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик воқеаи хеле бузург буд. Вале Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои Истиқлоли худ бо мушкилоту монеаҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид.

Мутаассифона, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ кишвари азизамон, ки худ тифли навзодро мемонд, ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, соли 1992 вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ хеле сангин ва душвор гардида буд. Аксари мардум аз фардои кишвару давлат, аз зиндагии оромона умедашонро канда буданд. Дар минтақаҳои калонтарини ҷумҳурӣ ҷараёни созандагӣ ба сӯзандагӣ табдил ёфта буд.

Дар натиҷа садҳо муассисаҳои таълимӣ, дабистону кӯдакистонҳо ва деҳаҳо валангор гардиданд. Танҳо тайи солҳои 1990-1995 аз ҷумҳурӣ 108 ҳазор нафар шаҳрвандон кӯч бастанд, ки 104,7 ҳазор нафарашон ба соли 1999 рост меояд. Зиёда аз 25 ҳазор оилаҳо бепарастор монданд ва 58 ҳазор нафар кӯдакон ятим гардиданд. Шумораи зиёди аҳолӣ ба хоки мамлакатҳои ҳамсоя ва минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ муҳоҷирати иҷборӣ шуд. Тақрибан 120 ҳазор хонандагон аз таҳсил дар мактаб маҳрум гардиданд.

Аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ соҳаи илм ва маориф яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, таҳти сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тадбирҳои судманд амалӣ мегардад. Сарвари давлат асоси рушди хоҷагии халқи мамлакатро ба густариши соҳаи илму маориф ва фаъолияти босамари кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногун вобаста медонанд.

Ва яке аз ҳуҷҷатҳои аввалини ҳукумати соибистиқлол ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" ба ҳисоб меравад, ки лоиҳаи он 26 августи соли 1991 пешниҳод гардид ва бо назардошти ноустувории сиёсӣ 27 декабри соли 1993 бо саъю талошҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қонуни мазкур аз тарафи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Зимни инкишофи ин соҳа, бо мақсади ворид гардидан ба системаи байналхалқии маориф ба ин қонун 8 маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуд.

Аз ин лиҳоз, бояд таъкид дошт, ки соҳаи маориф яке аз самтҳои стратегии муҳими давлату миллат қарор гирифтааст. Дар баробари ин қайд кардан ба маврид аст, ки ба соҳаи маориф ва илм ҳамасола дар низоми буҷаи кишвар дар қиёс ба дигар соҳаҳо бештар маблағ ҷудо карда мешавад. Соли ҷорӣ барои соҳаи маориф 7,2 миллиард сомонӣ ҷудо карда шудааст, ки нисбат ба соли 2022-юм 14 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи буҷети солонаи давлатиро ташкил медиҳад.

Пешвои миллат дар ҳама мулоқоту суҳбатҳояшон бо намояндагони аҳли зиё ва олимону ихтироъкорон вобаста ба масъалаи мактабсозиву мактабдорӣ, китобхонию илмомӯзӣ ва ихтирооти технологияи навин пайваста мусоидати бевосита менамоянд.

Аз ҷумла, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромади хеш бахшида ба Рӯзи дониш дар Донишгоҳи тиббии Хатлон таъкид намуданд, ки "Ҳадафи асосии давлат ва Ҳукумати мамлакат аз таваҷҷуҳи хосса ба соҳаи илму маориф аз он иборат аст, ки сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ баланд бардошта, насли ояндасози кишвар бо фаро гирифтани илму дониши муосир барои рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии Ватани хеш, пешрафти давлат ва ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ омода карда шавад."

Бунёди моддии мактабҳо-сохтмони биноҳои нав, таъмиру тармими биноҳои мавҷуда, таҷҳизоти таълимӣ ба сифати таълиму тарбия таъсири мусбат мерасонад. Бинобор ин, аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мустаҳкам намудани бунёди таълимию моддии мактабҳо бо китобҳои дарсӣ ва асбобҳои таълимӣ таъмин намудани онҳо, ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурӣ барои кори муътадили мактабҳо диққати махсус медиҳад.

Лозим ба зикр аст, ки дар соли таҳсили 1991 - 1992 шумораи хонандагон дар кишвар 1 миллиону 325 ҳазор нафарро ташкил медод.

Ин шумора дар соли таҳсили 2022 - 2023 ба 2 миллиону 232 ҳазор нафар расидааст, ки нисбат ба оғози даврони соҳибистиқлолӣ беш аз 900 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ироаи Паём "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" 21 декабри соли 2021 гуфтанд, ки дар 30 соли Истиқлоли давлатӣ дар ҷумҳурӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуда, шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст.

Танҳо дар ҳафт моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 57 бинои нави муассисаҳои таълимӣ бо 15 ҳазор ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст.

Илова бар ин, дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ 25 номгӯйи китоби дарсӣ бо теъдоди беш аз як миллион нусха аз чоп баромадааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки иштироки хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ рӯ ба афзоиш дорад.

Соли ҷорӣ дар олимпиадаҳои байналмилалӣ ва фосилавӣ қариб 5000 нафар хонандагони мактабҳои Тоҷикистон иштирок карда, сазовори 124 медал, аз ҷумла 13 медали тилло, 21 нуқра ва 90 медали биринҷӣ гардидаанд.

Дар даври аввали озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст" аз 240 ҳазор нафар иштирокчӣ 215 ҳазор нафар хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ буда, дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм - фурӯғи маърифат" қариб 25 ҳазор нафар хонандагон фаъолона иштирок доштанд, ки аз афзудани таваҷҷуҳи насли наврас ба илмҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар замони Шӯравӣ ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард. Мувофиқ ба талаботи ҷомеа намудҳои нави таълимгоҳҳо, аз ҷумла, литсейҳо, гимназияҳо ва мактабҳои хусусӣ руйи кор омаданд, ки навгонию навсозӣ мазмуни таҳсилотро тақозо мекарданд. Дар даврони истиқлол дар мамлакат 173 муассисаи таълимии типи нав - литсей, гимназия, мактаби Президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардидааст. Дар ин муассисаҳо 150 ҳазор нафар хонанда таҳсил кардааст. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимӣ ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гашта, шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 адад расонда шудааст. Дар ин замина сатҳу сифати таълиму тарбия бо назардошти дастовардҳои рӯзафзуни мактаббачагони тоҷик дар донишкадаҳои байналмилалӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои омӯзгорӣ, таъмиру азнавсозӣ, сохтмон ва муҷаҳҳазгардонии муассисаҳои маориф хеле беҳтар гардид.

Имрӯз дар 35 муассисаи таҳсилоти олии касбии кишварҳои пешрафтаи дунё беш аз 41 ҳазор нафар ҷавонони мо таҳсил доранд.

Худи ҳамин сол беш аз 5000 нафар ҷавонон барои таҳсил ба кишварҳои хориҷӣ фиристода шуданд.

Дар солҳои қабл аз истиқлол шумораи ҷавононе, ки ба хориҷи кишвар барои таҳсил фиристода мешуданд, ангуштшумор буд.

Ҳанӯз 28-уми августи соли 1995 дар машварати ҷумҳуриявии коркунони соҳаи маориф Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо нутқи пурмуҳтавои худ тамоми паҳлуҳои соҳаи маорифро ҳамаҷониба таҳлил намуда, вазифаҳои кормандони соҳаи маорифро дар шароити нави бозсозии кишвар муайян кард: "… то замоне ки офаранда, парваришдиҳанда, муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии шоистаро муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст." Барои амалӣ гардидани ин гуфтаҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои зиёде андешид. Аз ҷумла, маоши коркунони соҳаи маориф ва стипендияи донишҷӯёнро ёздаҳ маротиба зиёд намуд.

Дар маҷмӯъ, дар даврони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ ба соҳаи илму маориф афзуда, дар натиҷа рушди соҳаи мазкур таъмин гардид.

Афзалиятнок, калидӣ ва омили амнияти миллӣ номбар шудани маориф аз нигоҳи роҳбари давлат дар замони имрӯза ҳар яки моро водор месрозад, ки дар иҷрои вазифаҳои худ боз ҳам масъулияти бештар эҳсос намоем. Чунин баҳогузорӣ далели он аст, ки маориф ва илм ҳақиқатан дар ташаккули ҳаёти ҷомеа ва Истиқлоли кишвар нақши муҳим мебозад.

Мо-кормандони соҳаи илму маорифи мамлакат бояд тамоми кӯшишу ғайрати худро ҷиҳати боз ҳам устувор намудани пояи илму маърифат равона карда, дар камолоти насли ҷавон беш аз ҳарвақта ҳиссагузор бошем.

***Маҳмуд АБДУЛЛОЕВ,***
***доктори илмҳои таърих,***
***профессори кафедраи таърихи***
***халқи тоҷик***

# ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ МОЛИЯВӢ

Соҳибкории молиявӣ як намуди соҳибкории тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, чунки объекти хариду фурӯши он моли махсус - пул, асъор, қоғазҳои қимматнок (саҳмияҳо, облигатсияҳо) баромад мекунад, яъне фурӯши як саҳмия ба дигар саҳмия бо нархе, ки гирифтани фоидаро таъмин менамояд, сурат мегирад.

Бо гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ бозори пул, асъор ва қоғазҳои қимматнок тараққӣ карда истодааст, иштирокчиёни он бонкҳои тиҷоратӣ, биржаҳои фондӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ-соҳибкорон баромад мекунанд. Азбаски соҳибкории молиявӣ - яке аз намудҳои соҳибкории тиҷоратӣ ба ҳисоб меравад, бинобар ин технологияи аҳдномаи соҳибкории молиявӣ бо технологияи аҳдномаи тиҷоратӣ монанд аст. Танҳо фарқият дар он аст, ки моли соҳибкории молиявӣ активҳои (дороиҳои) молиявӣ мебошанд. Соҳибкоре, ки бо ин намуди соҳибкорӣ машғул мешавад, фаъолияти худро аз таҳлили бозори қоғазҳои қимматнок ва фаъолияти бозоршиносӣ оғоз мекунад. Фаъолияти бозоршиносӣ бо ҷустуҷӯ ва ҷалб намудани харидорони имконпазири пул, асъор ва қоғазҳои қимматнок алоқаманд аст. Ҳамзамон соҳибкор сарчашмаи ба даст овардани пул, асъор ва қоғазҳои қимматнокро муайян мекунад. Дар ин ҳолат дорандаи аввалини "маҳсулоти молиявӣ" метавонад худи соҳибкор бошад (пул, асъор, қоғазҳои қимматнокро пешакӣ ҷамъ намудааст). Соҳибкор ҳамчун дар нақши фурӯшанда ва ё судхӯр баромад мекунад, ки пул, асъор ва ғайраҳоро ба истеъмолкунанда ба ивази музди муайян ва ё фоизи муайян пешниҳод мекунад.

Боз дигар шакли соҳибкории молиявӣ барориши қоғазҳои қимматнок, ба монанди, саҳмияҳои шахсӣ, облигатсияҳо, қоғазҳои қимматноки тиҷоратӣ мебошад. Соҳибкор қоғазҳои қимматнокро ба фурӯш мебарорад, бо шароитҳо ва ӯҳдадориҳои муайян ба сифати "моли молиявӣ" ҷойгир мекунонад. Чунин шакли соҳибкориро, чун қоида, корхонаҳо, бонкҳо, на ин ки соҳибкорони алоҳида ба амал мебароранд.

Шакли бештар паҳнгаштаи соҳибкории молиявӣ - хариди қоғазҳои қимматнок аз тарафи худи соҳибкор ба ҳисоб меравад. Моҳиятан ин дар он ифода меёбад, ки соҳибкор пул, асъор, қоғазҳои қимматнокро ба маблағи муайян мехарад, ва онҳоро ба харидори дигар ба маблағи зиёдтар мефурӯшад (фарқи байни маблағи харид ва маблағи фурӯш даромад мебошад).

Соҳибкории асъорию молиявӣ метавонад даромадҳои аз соҳибкории тиҷоратӣ камтар надошта бошад, вале он талаботи нисбатан бештари аз худ кардани донишу малакаро барои соҳибкорон, фурӯшандагон ва харидорони маблағҳои пулӣ пеш мегузорад. Соҳибкории молиявӣ назар ба дигар намудҳои он ба ахбороти аниқ, таъмини техникаи ҳисоббарор ва ташкилӣ эҳтиёҷоти калон дорад.

Аҳдномаи молиявӣ ба мақсад мувофиқ ҳисобида мешавад, агар фоидаи софи ҳисобии он дар давоми як сол на камтар аз 5%-и ҳаҷми аҳдномаро ташкил диҳад (дар аҳдномаҳои мӯҳлаташ зиёдтар ин фоиз то 10-15% меафзояд).

Доираи асосии фаъолияти соҳибкории молиявӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва биржаҳои фондӣ ба ҳисоб меравaнд.

Ҳамин тариқ, аз рӯи таҳлилҳои дар боло овардашуда ба хулоса омадан мумкин аст,ки дар шароити иқтисоди бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ хусусан, соҳибкории молиявӣ яке аз омилҳои рушдкунандаи иқтисодиёт ба шумор меравад.

Соҳибкории молиявӣ имкон медиҳад, ки озодона хариду фурӯши асъор, хариду фурӯши коғазҳои қимматнок сурат гирад.

Умед аст, ки дар оянда низ фаъолияти соҳибкории молиявӣ рушд мекунад ва дар равнақи бозори молиявӣ мавқеъи худро пайдо мекунад.

***Меҳрона АЗИМОВА,***
***донишҷӯи курси 1-уми факултети***
***молиявию иқтсодӣ***

*Зи нуқсони басират томеъонро нест парвое,*
*Ки чашми кӯр гардад косаи дарюза соилро.* Соиб



# АНДЕШАҲО ДАР БОРАИ ШАХСИЯТИ УСТОД РӮДАКӢ



***Шарофат Худойдодова, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ***

Барои мардуми шарафманди тоҷик мояи ифтихору сарфарозии беканор аст, ки дар пайи татбиқи сиёсати фарҳангии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири бузургдошти саромадони адабиёту фарҳанги миллати тоҷик имрӯз ҷашнвораҳои моро боз ба асли хеш барои ҳифзу нигаҳдошти каломи ноби тоҷикӣ ҳамеша ҳидоят месозад. Таҷлили рӯзи Рӯдакӣ ин тантанаи сухани воло, таҷлили рӯзи Рӯдакӣ ин баргузории ҳамоишҳое мебошанд, ки моро бо забони модарии худ, ба аслу насли худ, дӯст доштани ин замин ва марзу буми аҷдодӣ ҳамеша раҳнамо месозад. Шеъри Рӯдакӣ беш аз ҳазор сол побарҷост ва имрӯз ҳам наслҳои ҷавону ояндаи Тоҷикистони мо ба панду насиҳатҳои Рӯдакӣ эҳтиёҷ доранд, зеро устод Рӯдакӣ фармудааст, ки бояд аз гузашти рӯзгор омӯхт, то ояндаи хушу гувороро сохт.

***Ҳар, ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,***
***Низ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор***

***Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ, сармуҳаррири рӯзномаи "Анвори дониш"***

Устод Рӯдакӣ асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик, яке аз шахсиятҳои бисёр барҷаста ва офтоби тобноки адабиётии классикии тоҷик ба шумор меравад. Аз устод Рӯдакӣ то ба имрӯз ашъори хеле кам ба мо мерос мондааст ва ҳар гоҳ, ки ба ин ашъор назар меандозем ва мутолиа мекунем, мо бисёр маъноҳои хуберо ба худ мегирем.

Бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз оромгоҳи устод Рӯдакӣ дар деҳаи Панҷрӯди ноҳияи Панҷакент бисёри таъмири хуб дидааст ва зиёратгоҳи хосу ом гардидааст. Насли ҷавонро зарур аст, то ин шахсиятро ба хубӣ шиносанд, ашъори ӯро аз худ кунанд. Воқеан агар жарфтар нигоҳ кунем, тамоми ашъори устод Рӯдакӣ пур аз маънӣ аст, пур аз даъват ба некӣ кардан аст, пур аз инсоният аст. Чунон ки мегӯяд:

***Гар бар сари нафси худ амирӣ,***
***мардӣ,***
***Бар куру кар ар нукта нагирӣ,***
***мардӣ.***
***Мардӣ набувад фитодаро***
***пой задан,***
***Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.***

Ин маънои онро дорад, ки бояд мо ҳамеша мардиро, росткориро дар ҳаёти худ ҳамчун шиор қарор бидиҳем.

***Зулфиев Гадомад, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика***

***Гар сарӣ ёбад ба олам кас***
***ба некӯшоирӣ,***
***Рӯдакиро ба сари он***
***шоирон зебад сарӣ.***

Воқеан ҳам мо мардуми Тоҷикистони соҳибистиқлол хушбахт ва ифтихорманд аз он ҳастем, ки намояндаи халқи тамаддунофари мо, қофиласолори назми форс-тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакии Панҷрӯдӣ мебошад.

Имрӯз мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол зери сиёсати воқеан ҳам хирадмандона ва адабпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, махсусан дар замони соҳибистиқлолӣ ба он ҳама арзишҳои неки гузаштагони мо арҷ гузошта истодаанд ва мо имрӯз бо ифтихор аз гузаштагони худ ёдоварӣ мекунем ба рӯҳи поки эшонро гиромӣ медорем, ки барои ин таълимоти воқеан ҳам шоиставу қадршиносонаи Пешвои муаззами миллат мо кулли фарҳангиён аҳли илму адаби кишвар сидқан изҳори сипос менамоем.

Албатта устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ воқеан ҳам ахтари тобноке дар олам ё дар фазои Осиёи Марказӣ буд. Хонандаи огоҳ ва шунавандаи закӣ дарк мекунад, ки дар замоне, ки устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба арсаи илму адаб қадам гузоштанд, авзоъ воқеан ҳам, авзои мисли кишвари мо амну ором ва мусоид набуд. Чаро ки то ҳанӯз дар давлати Сомониён ё дар ҳудуди Осиёи Миёна идея ва ғарабгароёнаи империалистони араб ҳукмронӣ мекард ва устод Рӯдакӣ воқеан ҳам бо ҷасорати тоҷикона, бо ҳамон ғурури ватандӯстонаву ватанпарварона тавонистанд бо забони модарии хеш дар олами араб шеър эҷод намоянд.

Шеъри ӯ шеъри имрӯз аст, суханаш сухани тамоми асрҳост ва андешааш воқеан ҳам ғояи баланди инсондӯстонаву ватанпарваронаву миллатдӯстона дорад. Рӯдакӣ воқеан ҳам бузург аст ва бузург боқӣ хоҳад монд. Тавре ки мо медонем, пеш аз Рӯдакӣ ва дар замони зиндагии ӯ шоирони порсигӯ буданд ва шеър низ мегуфтанд, вале аз оне, ки чаро маҳз Рӯдакӣ сардафтари адабиёти классики форсу тоҷик интихоб гардидааст ва эътироф мешавад, он аст, ки мо пештар иброз доштем, ки хизмати таърихию адабии Рӯдакӣ пеш аз ҳама ин аст, ки шеъри форсӣ-тоҷикиро ё забони форсӣ-тоҷикиро ба воситаи шеъри оламгири хеш мақоми давлатӣ бахшид ва он ҳама рукнҳои эҷоди шеърро, ки бо забони арабӣ, бо хатти арабиасос то Рӯдакӣ мавҷуд буд, онҳоро бо забони форсӣ-тоҷикӣ мувофиқ кард.

***Шамшоди Ҷамшед, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷик***

Ёдоварии ин матлаб бар он аст, ки имрӯз тамоми кураи заминро дар баробари тараққиёти босуръати илму техника, даргириву нобасомониҳо низ фаро гирифтааст. Дар ин миён дар ҳар кишвари қудратманд мехоҳад, ки мавқеи худро бештар намуда, ба ин восита фарҳангу оини миллаташро тақвият бахшад. Аммо миллати тоҷик аз нахуст сулҳу субботро сармашқи кору пайкори худ қарор додааст, ки дар ин ҷода мавқеи намояндагони илму адаб зиёд ба назар мерасад.

Ҳамин аст, ки дар замони соҳибистиқлолӣ тавассуҳи ҳукумати кишвар ба хотири баланд бардоштани огоҳии ҷомеа аз бузургони илму адаб зиёд гардида, рӯзҳои ашхоси барҷаста ҳамасола дар сатҳи баланд таҷлил карда мешавад. Ҳадаф аз ин гуфтаҳо таҷлили бошукӯҳи Рӯзи Рӯдакӣ дар кишвари азизамон мебошад.

Воқеан, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо эҷоди ашъори баландмазмун на танҳо дар таърихи адабиёти классики форсу тоҷик, балки дар байни дигар халқу миллатҳо мавқеи махсусро касб кардааст.

Эҷодиёти устод Рӯдакӣ гуногунпаҳлу буда, фарогири мавзуъҳои панду ахлоқӣ, фалсафӣ, сиёсӣ, ишқӣ ва ғ. мебошад.

Баррасӣ ва ёдоварии осори ин мутафаккири барҷаста аҳаммияти таълимию маърифатиро касб карда, дар ин миён омӯзиши илму дониш мавқеи асосӣ дорад, зеро илму дониш қувваи бузургест, ки инсонро қдратманд ва бофазл ба соҳибмақом мегардонад. Инсон бо ҳар роҳу васила бояд, пеш аз ҳама, дониш омӯзад, зеро:

***Дониш андар дил чароғи***
***равшан аст***
***В-аз ҳама бад бар тани ту***
***ҷавшан аст!***

Аз мутолиаи ашъори устод Рӯдакӣ равшан мегардад, ки андешаву афкори шоир маҳз ба ташаккули инсони комил нигаронида шудааст.

**Дар доираи Форум Ёддошти тафоҳум ва Нақшаи чорабиниҳои муштарак оид ба татбиқи Созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф барои солҳои 2023-2026 ба имзо расонида шуд.**

# ФОРУМИ ДУЮМИ РЕКТОРОНИ ДОНИШГОҲҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА БЕЛОРУС - МИНБАРИ ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО



5 октябри соли равон дар Донишгоҳи давлатии информатика ва радиоэлектроникаи Ҷумҳурии Беларус Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус оғоз ёфт. Дар форуми мазкур, ки санаҳои 5-6 октябр баргузор гардид, вазирону масъулони соҳаи маорифи кишварҳо, ректорони беш аз 50 донишгоҳҳои ду кишвар, аз ҷумла ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек иштирок намуданд.

Нахуст иқтидори таълимӣ ва илмии Донишгоҳи давлатии информатика ва радиоэлектроникаи Беларус аз ҷониби ректори он Вадим Богуш ба ҳайати ҷониби Тоҷикистон, ки онро вазири маориф ва илми кишвар, профессор Саидзода Раҳимҷон Ҳамро роҳбарӣ менамуд, манзур карда шуд.

Дар ҷаласаи ифтитоҳии Форум вазири маорифи Ҷумҳурии Беларус Андрей Иванетс суханронӣ намуда, бо ёдоварӣ аз сафари расмии соли гузаштаи Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамкориҳои муваффақонаи кишварҳо, тавофуқоти мутақобилан судманд дар соҳаҳои маориф, илм ва сиёсати ҷавононро маҳз самараи мулоқоту хидматҳои сарони кишварҳо арзёбӣ намуд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки дар чараёни форум таҳияи Комплекси илмию таълимии Беларусу Тоҷикистон дар назар буда, имконияти дар Беларус кушодани Маркази омӯзиши фарҳанг ва забони Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ хоҳад шуд.

Нимаи дуюми рӯз дар Донишгоҳи миллии техникии Белорус ҷаласаи бахши якуми Форум таҳти унвони "Рушди зарфияти таҳсилоти инноватсионӣ" доир гардид.

Раёсати ҷаласаи мазкурро ректори Донишгоҳи миллии техникии Белорус Харитончик Сергей Василевич ва ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ Раҳмон Дилшод Сафарбек ба уҳда доштанд.

Дар доираи чорабинӣ Харитончик С.В. дар мавзуи "Имкониятҳои мусоири таълимии Донишгоҳи миллии техникии Белорус" ва Раҳмон Д.С., дар навбати худ, дар мавзуи "Заминаҳои салоҳиятноки омодасозии мутахассисони рақобатпазир дар муассисаи таҳсилоти олӣ (дар мисоли Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ)" маърӯза ироа намуданд.

Ҳамчунин, ректори Донишгоҳи давлатии педагогии Белорус ба номи Максим Танк Александр Жук, ректори Донишгоҳи давлатии Витебск ба номи П.М. Машеров Валентина Богатирёва, ректори Донишгоҳи давлатии Полотск Юрий Романович, ректори Академияи давлатии кишоварзии Белорус Виталий Великанов маърӯзаҳои хешро манзури ҳозирин карданд.

Дар ҷаласаи мазкур муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро, инчунин, ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Давлатзода Сайфиддин Хайриддин ва ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Шарифзода Муминҷон Машокир намояндагӣ менамуданд.

Ҳозирин масъалаҳои омодасозии салоҳиятноки мутахассисони рақобатпазир, зарфияти илмӣ-инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти оли касбиро матраҳ карда, оид ба методҳои муосири ҳалли мушкилоти соҳаҳои илму маориф табодули андеша намуданд.

Ҳамчунин, нақшаҳои марбут ба лоиҳаҳои минбаъдаи муштараки муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳо, аз ҷумла табодули академӣ, табодули технологияҳои таълим, таҷрибаи омӯзгорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Дар доираи Форум Ёддошти тафоҳум ва Нақшаи чорабиниҳои муштарак оид ба татбиқи Созишномаи ҳамкорӣ байни Вазорати маорифи Ҷумҳурии Беларус ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маориф барои солҳои 2023-2026 ба имзо расонида шуд.

Қобили зикр аст, ки ҳамкориҳо миёни Тоҷикистон ва Беларус, бахусус дар соҳаҳои гуманитарӣ рушди босуръат касб намуда, дар соҳаи маориф заминаи кофии меъёрию ҳуқуқии ҳамкориҳои мутақобилан судманд ташаккул ёфтааст. Дар ин замина, як қатор созишномаҳои байниҳукуматию байниидоравӣ, аз ҷумла миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳо зиёда аз 100 созишномаи мустақими дуҷониба ба тасвиб расидааст.

*Донаи сӯхта аз барқ намеандешад,*
*Ғами олам чи кунад бо дили ғампешаи мо.* Соиб

Анвори дониш
№7 (343), ҶУМЪА, 13.10.2023

# СУХАНРОНӢ ДАР МУБОҲИСАҲОИ УМУМИИ ИҶЛОСИ 78-УМИ МАҶМАИ УМУМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД



**Мутаассифона, тайи даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях аз байн рафтааст, ки ин барои амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба об ва нигоҳдории экосистемаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.**

***20.09.2023 23:05, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико***

Муҳтарам ҷаноби Раис,
Муҳтарам Дабири кулл,
Хонумҳо ва ҷанобон!

Дар шароити ҳассоси имрӯза ҷомеаи ҷаҳонӣ беш аз ҳар замони дигар ба ҳамгирой ва эътимод ниёз дорад.

Дар пасманзари шиддат гирифтани таҳдиду хатарҳои муосир мо имрӯзҳо шоҳиди таҳаввулоти нигаронкунанда дар арсаи байналмилалӣ ҳастем.

Терроризм, ифротгароӣ ва ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ, масалан, ҷашавии бошитоб, инчунин авҷ гирифтани "ҷанги сард" ба пойдории сулҳу субот, амният ва рушди байналмилалӣ таҳдид мекунанд.

Ҳамзамон бо ин, оқибатҳои фалокатбори тағйирёбии иқлим - гармшавии шадид, обхезӣ, хушксолӣ, сӯхтор ва дигар офатҳои табиӣ, инчунин камобӣ ва гуруснагӣ ба аҳли башар хатари ҷиддӣ эҷод карда истодаанд.

Дар ин замина, саъю талошҳои муштарак ҷиҳати рафъи ин хатару таҳдидҳо ва расидан ба ҳадафҳои Рӯзномаи-2030 амри ҳатмӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз, мавзӯи ҷаласаи 78-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳидро зери унвони "Барқарорсозии эътимод ва ҳамбастагии ҷаҳонӣ: суръат бахшидан ба амалҳо оид ба Рӯзномаи 2030 ва Ҳадафҳои Рушди Устувор дар самти сулҳ, шукуфоӣ, пешрафт ва устуворӣ" иқдоми сариваҳтӣ шуморида, аз он истиқбол менамоем.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Бо вуҷуди иқдомҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, дар татбиқи Рӯзномаи-2030 ҷиҳати ноил шудан ба аксари ҳадафҳои рушди устувор пешравиҳо ҳанӯз ҳам назаррас нестанд.

Дар ин раванд, бахусус кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва кишварҳои хурди ҷазиравӣ, мутаассифона, мушкилоти зиёд бар дӯш доранд.

Тоҷикистон низ зимни татбиқи Ҳадафҳои Рушди Устувор ба мушкилоти алоҳида дар самти ҳадафҳои 1, 7, 12 ва 13 рӯ ба рӯ гардидаст.

Аз ин рӯ, мо дарк менамоем, ки раванди ҳамбастагӣ, маблағгузорӣ, татбиқи ӯҳдадориҳо ва дигар ҷораҳои амалӣ бояд тақвият дода шаванд ва ин амр тағйироти воқеан бунёдиро тақозо менамояд.

Бинобар ин, Тоҷикистон пешниҳоди Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳидро оид ба "Рӯзномаи умумии мо" дар ин хусус дастгирӣ кард.

Мо, ҳамчунин, аз иқдомоти Дабири кулл дар самти татбиқи Рӯзномаи-2030, аз ҷумла ҳамасола ҷудо намудани ҳадди ақалл 500 миллиард доллар ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, камтараққӣ ва хурди ҷазиравӣ барои суръат бахшидан ба ин раванд истиқбол менамоем.

Мо, инчунин, ислоҳоти низоми байналмилалии молиявиро ба мақсади таъмин намудани маблағгузории устувор ва дарозмуддат барои дастрасӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор ва ҳалли мушкилоти марбут ба иқлим ҷонибдорӣ мекунем.

Ҳозирини гиромӣ,

Тавре ки ҳамаи мо мушоҳида мекунем, таъсири тағйирёбии иқлим дар саросари ҷаҳон афзоиш меёбад.

Соли равон мо шоҳиди ҳарорати баландтарини ҳаво дар тамоми давраи мушоҳидаҳо гардидем.

Тибқи гузориши охири Созмони ҷаҳонии обуҳавосанҷӣ бо номи "Вазъи иқлим" гармшавии ғайримаъмулии ҳарорати ҳаво дар Осиё аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ зиёдтар мушоҳида мешавад.

Пайомадҳои манфии ин раванд, аз қабили хушксолӣ, обхезӣ, ярч ва сӯхтор дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон аз падидаҳои хеле нигаронкунанда мебошанд.

Тоҷикистон, ки 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, таъсири тағйирёбии иқлимро бештар эҳсос менамояд ва яке аз кишварҳои осебпазири ҷаҳон дар ин раванд маҳсуб меёбад.

Офатҳои вобаста ба иқлим дар шакли ярч, сел, обхезӣ, хушксолӣ ва тармафарӣ дар Тоҷикистон ҳамасола ба вуқӯъ пайваста, боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти инфрасохторӣ мешаванд.

Дар ин замина, Тоҷикистон ба Чаҳорчӯбаи Сендай оид ба коҳиши хатари офатҳои табиӣ, ки ба мусоидат дар такмили низоми огоҳсозии бармаҳал, афзоиши сармоягузорӣ ва расонидани кумаки молиявӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва камтараққӣ равона гардидааст, аҳаммияти хосса медиҳад.

Тоҷикистон яке аз кишварҳои озмоишӣ дар татбиқи ташаббуси Созмони Милали Муттаҳид - "Огоҳии бармаҳал барои ҳама" мебошад.

Дар ин ҷода мо омодагии худро барои ҳамкорӣ бо Созмони Милал ва сохторҳои тахассусии он иброз медорем.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 13 ҳазор пирях ба қайд гирифта шудааст. 60 фоизи захираҳои оби минтақа дар ҳудуди кишвари мо ташаккул меёбад.

Мутаассифона, тайи даҳсолаҳои охир дар Тоҷикистон зиёда аз як ҳазор пирях аз байн рафтааст, ки ин барои амнияти озуқаворӣ, дастрасӣ ба об ва нигоҳдории экосистемаи Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ расонида метавонад.

Обшавии босуръати пиряхҳо ҳамчун манбаи асосии оби тоза андешидани тадбирҳои мушаххас, аз ҷумла пажӯҳиш, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот ва ҳамкориҳои амиқи байналмилалиро тақозо мекунад.

Дар ин росто, ба ҳамаи кишварҳои узв барои ҳамкорӣ дар қабули Қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милал дар бораи эълон намудани соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" миннатдории худро иброз намуда, барои муттаҳид сохтани талошҳо ҷиҳати татбиқи ҳадафмандонаи ин қатъномаи даъват менамоям.

Мо дар доираи Гурӯҳи навтаъсиси "Дӯстони пиряхҳо" ва берун аз он омодаи ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар татбиқи ваколатҳои қатъномаи мазкур ҳастем.

Тоҷикистон мутмаин аст, ки ин иқдом ба андешидани тадбирҳои дастҷамъона ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.



Инчунин, мехостам аз натиҷаҳои бобарори Конфронси байналмилалии Созмони Милал оид ба шарҳи фарогири миёнамуҳлати ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028" ёдовар шавам.

Бовар дорам, ки татбиқи ӯҳдадориҳои дар Конфронс гирифтаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати расидан ба Ҳадафи шашуми Ҳадафҳои Рушди Устувор ва ҳалли дигар масъалаҳои байналмилалии вобаста ба об мусоидат хоҳад кард.

Чанде пеш Маҷмаи Умумӣ қатъномаи навбатиро оид ба пайгирии натиҷаҳои Конфронси мазкур, ки аз ҷониби Тоҷикистон, Нидерланд ва Сенегал пешбарӣ шуда буд, бо иттифоқи оро қабул кард.

Умед дорем, ки кишварҳои аъзо ва дигар шарикон ба талошҳои мо дар ин ҷода пайваст хоҳанд шуд.

Қобили зикр аст, ки соли 2024 дар шаҳри Душанбе Конфронси сеюми сатҳи баланд оид ба татбиқи Даҳсолаи "Об барои рушди устувор", ҳамчунин, соли 2025 Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор мегардад.

Интизор дорем, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ иштироки фаъол хоҳад дошт.

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар рӯзномаи глобалии об ва иқлим ҷиҳати рушди ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва созмонҳо минбаъд низ талош хоҳад кард.

Дар шароити муосир ташаккули "иқтисоди сабз" яке аз вазифаҳои мубрами инсоният гардидааст.

Дар кишвари мо 98 фоизи неруи барқ аз манбаи барқароршаванда, яъне гидроэнергетика истеҳсол мешавад ва Тоҷикистон аз рӯи ин нишондиҳанда дар ҷаҳон дар мақоми шашум қарор дорад.

Истифодаи самараноку оқилонаи захираҳои фаровони гидроэнергетикии Тоҷикистон метавонад барои рушди тавлиди "энергияи сабз" дар тамоми минтақа заминаи мусоид фароҳам оварад.

Мо нақши "Хазинаи иқлими сабз"-ро дар раванди ҳаллу фасли масоили экологӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим мусбат ва созанда медонем.

Бо пуштибонӣ аз Нақшаи навбатии стратегии Хазина барои солҳои 2024-2027 аз давлатҳои узв, бахусус кишварҳои мутараққӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор даъват менамоем, ки дар маблағгузории татбиқи он саҳмгузор бошанд.

Дӯстони азиз,

Дар ҷаҳони имрӯза ҳамбастагии минтақавӣ ва ҳамгироӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Ин ба кишварҳо имкон медиҳад, ки мушкилоти ҷориро ҳал намуда, ба пойдории сулҳу субот мусоидат кунанд ва ба ҳолатҳои фавқулода вокуниши фаврӣ нишон диҳанд.

Ҳоло, дар натиҷаи тадбирҳои муштарак

# СУХАНРОНӢ ДАР МУБОҲИСАҲОИ УМУМИИ ИҶЛОСИ 78-УМИ МАҶМАИ УМУМИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД



раки кишварҳои Осиёи Марказӣ барои таҳкими ҳамгироии минтақавӣ фазои мусоид фароҳам омадааст.

Вохӯрии машваратии панҷуми сарони кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки 14-15 сентябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, инро собит сохт.

Ин иқдом ба устувории фазои сулҳ, ҳамкорӣ, рушди мунтазам ва шукуфоӣ дар минтақаи мо мусоидат хоҳад кард.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Амнияту субот ва ҳамкории минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ бевосита ба вазъи Афғонистон вобастагӣ доранд.

Афғонистон ҳанӯз ҳам дучори вазъи мураккаби сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

> **Мо чунин мешуморем, ки ташвиқу тарғиби ғояҳои таҳаммулгароӣ ва сулҳу дӯстӣ беҳтарин василаи муқовимат ба ифрогароӣ, тафриқаандозӣ, таассуб, хушунат, ифротгароӣ ва тундгароӣ мебошад.**
>
> **Биёед, дар муқобили амалҳое, ки моро аз ҳам ҷудо мекунанд, муттаҳид бошем ва ба сӯи ҷаҳоне ҳаракат кунем, ки эҳтиром ва шинохтани қадри ҳамдигар асоси он бошад.**

Тавре Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид зикр карданд, наваду ҳафт фоизи аҳолии Афғонистон дар ҳолати фақр қарор дорад.

Бо дарназардошти чунин вазъи душвор, Тоҷикистон барои истифодаи имкониятҳои логистикии худ, аз ҷумла шаш пул дар сарҳад, ҷиҳати идомаи расонидани кумакҳои башардӯстона ба мардуми Афғонистон шароити заруриро фароҳам овардааст.

Бо истифода аз фурсати муносиб, мехоҳам ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар муроҷиат намоям, ки ҳаҷми кумакҳои башардӯстонаро ба мардуми азияткашидаи Афғонистон бештар гардонанд.

Дар ин росто, мо омодаи ҳамкориҳои минбаъда бо шарикони байналмилалӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҳастем.

Мо ҳамоно роҳандозии муколамаи байниафғонӣ ва таъсиси ҳукумати воқеан ҳамашумулро бо иштироки намояндагони ҳамаи қавму миллатҳо ва гурӯҳҳои сиёсиву иҷтимоӣ заминаи муҳимми расидан ба сулҳу суботи пойдор дар Афғонистон медонем.

Қочоқи маводи мухаддир махсусан аз қаламрави Афғонистон дар ду соли охир бамаротиб афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон дар марз бо ин кишвар беш аз 10 тонна маводи мухаддирро мусодира кардаанд, ки назар ба солҳои пеш чандин маротиба зиёд аст.

Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ барои солҳои 2021-2025 пайваста тадбирҳои амалӣ меандешад.

Мо ният дорем, ки соли 2024 дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ дар Душанбе Конфронси навбатии байналмилалиро оид ба мубориза бо терроризм ва маблағгузории он баргузор намоем.

Тоҷикистон бори дигар таъкид мекунад, ки вокуниш ба таҳдидҳои рӯзафзуни терроризм, ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар хатарҳои глобалии имрӯза бояд фарогир бошад.

Дар робита ба ин, чунин мешуморем, ки Дафтари мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид метавонад ва бояд дар татбиқи ҳамаҷониба ва мутавозини Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмон ва дигар санадҳои дахлдори он фаъолияти муассир дошта бошад.

Кӯшишҳо, инчунин, бояд барои пешгирӣ аз сӯиистифодаи интернет ба мақсади таблиғу ташвиқи тундгароӣ, ифротгароӣ ва зӯроварӣ равона карда шаванд.

Тоҷикистон аз арзёбии ҳаштуми Стратегияи ҷаҳонии мубориза бо терроризми Созмони Милали Муттаҳид, ки дар моҳи июни соли ҷорӣ қабул гардид, истиқбол менамояд.

Бовар дорем, ки ин санад барои роҳнамоии минбаъдаи талошҳои зиддитеррористии мо як заминаи устуворро фароҳам меоварад.

Ҳозирини гиромӣ,

Ҷомеаҳои мо тавассути робитаҳои фарҳангӣ, урфу одат ва эътиқодоти гуногун ба ҳам пайванд мебошанд.

Ин ҳамбастагӣ барои зисти осоишта дар фазои ҳамдигарфаҳмии фарҳангу динҳои гуногун заминаи хубест.

Дар ин робита, зуҳуроти тафриқаандозӣ, хусумати нажодӣ ва динӣ, бо дарки пайомадҳои манфии онҳо, ғайри қобили қабул мебошад.

Амалҳои зикршуда, инчунин, тобиши сиёсӣ додан ба масоили дину мазҳаб метавонанд пояи ҳамзистии ҷомеаи ҷаҳониро коста гардонанд.

Поймолкунии эҳсоси диниву мазҳабӣ, нафрат ва зӯроварӣ нисбат ба ҳар гуна дин ё эътиқод оқибатҳои фоҷеабор дорад.

Чунин амалкардҳои иғвоангезона дар аксари ҳолатҳо асоси таҳаммулнопазирӣ ва нобоварӣ гардида, боиси ихтилофу низоъ байни тамаддунҳо мешаванд.

Ба ин манзур, Тоҷикистон ҳама гуна таҳқири муқаддасоти эътиқодии мардум, аз ҷумла Қуръони карим ё дигар арзишҳои тамаддуниву мазҳабии башариятро маҳкум менамояд.

Тоҷикистон ҳамчун ҳаммуаллифи қатъномаи Маҷмаи Умумӣ зери унвони "Рушди муколамаи байнидинӣ ва фарҳангӣ ва таҳаммулгароӣ дар муқобила бо нафрат" бори дигар аҳамияти муколамаю ҳамдигарфаҳмӣ миёни тамаддунҳоро дар раванди таҳкими сулҳ таъкид мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки ташвиқу тарғиби ғояҳои таҳаммулгароӣ ва сулҳу дӯстӣ беҳтарин василаи муқовимат ба иғвоангезӣ, тафриқаандозӣ, таассуб, хушунат, ифротгароӣ ва тундгароӣ мебошад.

Биёед, дар муқобили амалҳое, ки моро аз ҳам ҷудо мекунанд, муттаҳид бошем ва ба сӯи ҷаҳоне ҳаракат кунем, ки эҳтиром ва шинохтани қадри ҳамдигар асоси он бошад.

Хонумҳо ва ҷанобон,

Тоҷикистон ҳамчун кишвари ҷонибдори сулҳу субот саъй дорад, ки барои солҳои 2028-2029 узвияти ғайридоимии Шӯрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳидро касб намояд.

Бо истифода аз фурсат, аз кишварҳои узв даъват мекунам, ки аз номзадии кишвари мо дар интихоботи соли 2027 дастгирӣ намоянд.

Дар фарҷоми суханронӣ мехостам бори дигар таъкид намоям, ки расидан ба ҳамаи ҳадафҳои мувофиқашудаи мо танҳо бо роҳҳои ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамоҳангсозӣ, ҳамгироӣ ва таҳаммулгароӣ имкон дорад.

Дар ин росто, мехоҳам аз мисраъҳои шоир, нависанда ва мутафаккири маъруфи тоҷику форс Саъдии Шерозӣ, ки ба мавзӯи ҳамоиши имрӯзаи мо ва татбиқи нақшаҳои зикршуда мувофиқ ва муносибанд, ёдовар шавам:

***Банӣ одам аъзои якдигаранд,***
***Ки дар офариниш***
***зи як гавҳаранд.***
***Чу узве ба дард оварад рӯзгор,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***
***Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.***

## АНДАРЗИ БУЗУРГОН

Омӯзгор - ин шахсест, ки ҳамаи чизҳои пуркимати замонро ба насли наврас медиҳад.

К. Луначарский

XXXX

Забон ва тандурустӣ аз инсон на танҳо донишандузӣ дар соҳаи илм ва санъат, балки тамоми умр ба машқҳои ҷисмонӣ машғул шуданро талаб мекунад.

Афлотун

XXXX

Тарбияи ҷисмонӣ ва сайру гашт дар ҳавои тоза барои инкишофи хотира аҳамияти калон дорад.

К. Ушинский

XXXX

Кӯтоҳумрӣ ба мо насиб нашудааст, мо худ умрро кӯтоҳ мекунем.

Сенека

XXXX

Дар олам аз мушакҳои барҷаставу пӯсти обутобёфта дида, либоси зеботаре нест.

В. Маяковский

XXXX

Виҷдони тоза беҳтарин бистар аст.

Г. Ибсон

XXXX

Суди олӣ ин суди виҷдон аст.

В. Гюго

XXXX

Виҷдон - қонуни қонунҳост.

А. Ламартин

XXXX

Муаллим инсонро ташаккул медиҳад.

М. М. Калинин

XXXX

Муаллимӣ ҳунарест оливу наҷиб.

Л. Н. Толстой

XXXX

Мояи ифтихори муаллим талабагон - донаҳои кишташ мебошад.

Д. И. Менделеев

XXXX

Инсон бе санъату маърифат инсон нест. Агар аз санъат маҳрум бошад, гӯё ки дил надорад, агар маърифаташ набошад, гӯё ки мағз надорад.

Бобоҷон Ғафуров, Қаҳрамони Тоҷикистон

XXXX

Пайдоиши рушди илм, санъат ва ҳунар ба эҳтиёҷот ва талаботи одамон вобаста аст.

Демокрит

XXXX

Агар Худо набошад, анҷоми ҳар коре раво хоҳад буд.

Достоевский

XXXX

Ба ҳамаи одамон имконияти бузург даст медиҳад, вале аксари одамон фаҳмида наметавонанд, ки бо он рӯ ба рӯ шудаанд.

У. Даннинг

XXXX

Тақдиратонро ба дасти худ гиред, дар акси ҳол онро нафари дигар ба даст мегирад.

Ноел Тичи

XXXX

Агар чизеро тасаввур кардан тавонӣ, онро ба ҷо оварда ҳам метавонӣ.

Эйнштейн

XXXX

Инсон қобилияташро замоне мефаҳмад, ки барои истифода бурдани он азм намояд.

Сенекаи хурдӣ

XXXX

Зиндадилӣ на танҳо нишонаи солимист, он инчунин воситаи аз ҳама муассири пешгирӣ намудани ҳамаи беморихост.

С. Смайлс

XXXX

Пул ченаки муваффақияти иҷтимоӣ мебошад.

Д. Клейсон

# РАЁСАТИ ДОНИШГОҲ ЧЕМПИОНРО ПЕШВОЗ ГИРИФТ!



Барои ҳайати бисёрнафараи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мояи ифтихор ва сарфарозист, ки рӯзҳои 19-31 августи соли 2023 дар Федератсияи Русия дар миёни 36 кишвари олам фестивали байналмилалии варзишии донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ доир гардид, ки дар ин фестивали бонуфуз донишҷӯи бахши чоруми факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳ Муродзода Абубакр ширкат варзида, сазовори ҷои аввал ва соҳиби медали тилло гардид.

Чанд рӯз пеш чемпионро дар назди дарвозаи шаҳри Кӯлоб раёсати Донишгоҳ бо шукӯҳу шаҳомати хоса истиқбол намуданд.

Раёсат, ҳайати устодону омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳ Муродзода Абубакрро барои ноил шудан ба чунин дастоварди баланди варзишӣ сидқан табрику муборакбод намуда, фатҳи баландтарин қуллаҳои мақсудро бахрашон таманно менамояд.

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ ИСТИҚЛОЛ ДАР ДОНИШГОҲ



Санаи 7-уми сентябр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии фарҳангӣ бахшида ба ҷашни Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти унвони "Тараннуми Истиқлол" баргузор гардид.

Дар чорабинӣ ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, ноиби ректор оид ба таълим, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон ва ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯён ширкат варзиданд.

Нахуст қисмати тантанавиро ректори Донишгоҳ профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек оғоз намуда, ҳозиринро ба муносибати 32-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шодбош гуфта, қайд намуданд: "Сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 32 сол қабл нахустин хиштҳои пойдевори истиқлоли воқеӣ ва давлатдории миллии хешро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳову аркони давлатдории миллӣ - Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конститутсия гардиданд. Аҳамияти истиқлолу соҳибдавлатиро бо тамоми тобишҳои таърихиву нақши калидиаш дар суханони зерини Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарёфтан мумкин аст: "Истиқлол тантанаи хирад ва андешаи миллати солору кӯҳанбунёди тоҷик, оғози марҳалаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯсти мо, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад."

Пеш аз оғози қисмати фарҳангии чорабинӣ ба як қатор омӯзгорон ва кормандони донишгоҳ барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои баландихтисосу иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, тарғибу ташвиқи арзишҳои милливу фарҳангӣ бо нишони сарисинагии "Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Ифтихорнома"-и Вазорати маориф ва илм ва бо "Ифтихорнома"-и раёсати Донишгоҳ қадрдонӣ гардиданд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ аз ҷониби Хонаи маданияти Донишгоҳ баҳри болидарӯҳии ҳозирин барномаи ҷолиби консертӣ иборат аз рақсу суруд, шеъру тарона дар васфи Истиқлол манзури ҳозирин гардонида шуд.

# ДАРСИ ТАРБИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ТОҶИК ВА ЖУРНАЛИСТИКА



Санаи 21-уми сентябр дар гурӯҳи таълимии 203-и ихтисоси забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи тоҷик ва журналистикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дарси тарбиявӣ дар мавзуи "Тафаккури солим - омили асосии ошкорнамоӣ ва рафъи камбудиҳо" баргузор гардид. Дар дарси мазкур сардори раёсати тарбия Холматов Баҳром, дотсенти кафедраи равоншиносӣ, ҳамзамон сардори Раёсати илм ва инноватсия Шарипов Анвар, декани факултет дотсент Зулфиев Гадомад, сарпарасти гурӯҳи таълимӣ Муҳамадҷони Абдувоҳид ва донишҷӯёни гурӯҳи таълимӣ иштирок доштанд.

Бо назрадошти хусусияти психологӣ ва паҳлуҳои омӯзишӣ-машваратӣ доштани мавзуи "Тафаккури солим - омили асосии ошкорнамоӣ ва рафъи камбудиҳо" куратори гурӯҳи таълимӣ Муҳаммадҷони Абдувоҳид дар мувофиқа бо қисми тарбия ва садорати факултет аз устоди кафедраи равоншиносии донишгоҳ дотсент Шарипов Анвар даъват намуд, ки доир ба мавзуъ бо донишҷӯён дарс гузарад. Дарс ва баррасиву омӯзиши масъалаи мавриди назар дар сатҳи ниҳоят олӣ баргузор гардида, донишҷӯён дар робита ба мавзуъ донишҳои назариявии худро афзун намуданд.

Дар интиҳои дарс миёни устодон ва донишҷӯён саволу ҷавоб сурат гирифта, таклиф гардид, ки бо назардошти манфиатбор будани чунин тарзи ташкили дарс, иқдоми ҷалби мутахассисини соҳавӣ барои гузаронидани дарсҳои тарбиявӣ дар доираи мавзуъҳои нақшавӣ зиёд карда шавад.

# БАРГУЗОРИИ КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-НАЗАРИЯВӢ



6-уми сентябр дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо ташаббуси кафедраи таърих ва методикаи таълими таърихи факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ конференсияи илмӣ - назариявӣ таҳти унвони "Истиқлоли давлатӣ ва рушди манфиатҳои миллӣ" бахшида ба 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Пеш аз оғози конференсия асарҳои Пешвои миллат ва дастовардҳои омӯзгорони донишгоҳ ба намоиш гузошта шуд.

Дар ҷаласаи ифтитоҳии конфронс ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовинони соҳавии ректор ва ҳайати профессорон, омӯзгорон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Нахуст ректори донишгоҳ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек баромад намуда, ҳозиринро ба ин санаи таърихӣ табрик гуфта, аз бузургтарин дастовардҳои давлату ҳукумати мамлакат, мардуми шарифи тоҷик ва махсусан донишгоҳ ёдоварӣ намуданд. Мавсуф зикр намуданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ пояҳои иқтисодии мамлакат хеле устувор гашта, дар арсаи сиёсии ҷаҳон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёду демократӣ шинохта шуд. Истиқлоли давлатӣ ба сокинони шарафманди Тоҷикистон имкон дод, ки ҳамаи мушкилоти ҷойдоштаро марҳила ба марҳила бартараф намуда, шароити мусоиди зиндагиро барои худ фароҳам оваранд.

Бо баракати Истиқлоли давлатӣ шароити таълиму тарбия ва омодасозии кадрҳои илмӣ -педагогӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ низ рӯз аз рӯз беҳтару хубтар гардида истодааст.

Сипас Муродова Гулчеҳра, мудири кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмиллалӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент дар мавзуи "Дастовардҳои муҳими Тоҷикистон дар замони Истиқлоли давлатӣ", Яқубзода Фирӯз, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносӣ дар мавзуи "Соҳибистиқлолӣ ва рушди давлатдории дунявӣ", Шоҳинов Ҳасан муаллими калони кафедраи таърих ва методикаи таълими таърих дар мавзуи "Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳамияти таърихии он", Некрӯзи Маҳмадхоҷа, ассистенти кафедраи сиёсатшиносӣ дар мавзуи "Истиқлоли сиёсӣ - тамоюли асосии рушди давлатдории миллӣ дар замони муосир" баромад намуданд.

Дар охир омӯзгорон Зайналов Қурбон ва дотсент Холиқов Сафар дар бахши музокирот баромад намуданд.

# БАРГУЗОРИИ ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН



Рӯзи 23-юми сентябр дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ҷониби Маркази рушди касбият ва инноватсияи Донишгоҳ маҳфили навбатии ҷамъияти илмии донишҷӯёни донишгоҳ ба муносибати гиромидошти сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ таҳти унвони "Соҳибқирони шоирон устод Рӯдакист" баргузор гардид.

Дар маҳфил муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарофат Худойдодова, сардори Маркази рушди касбият ва инноватсия Муҳаммадҷони Абдувоҳид, сардори шуъбаи ТАКИП, номзади илмҳои педагогӣ Қурбонзода Умеда, мутахассиси пешбари Марказ Иззатов Умедҷон, сардори ҶИД-и Донишгоҳ Ғаффори Мурод ва дигар омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Ҷаласаи ифтитоҳиро сардори Марказ Муҳаммадҷони Абдувоҳид оғоз намуданд. Сипас дотсент Шарофат Худойдодова суханронӣ намуда, ҳозиринро ба ин рӯз табрик намуда, қайд карданд: "Барои мардуми шарафманди тоҷик мояи ифтихору сарфарозии беканор аст, ки пайи татбиқи сиёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири бузургдошти саромадони адабиёту фарҳанги миллати тоҷик имрӯз ҷашнвораҳои моро боз ба асли хеш барои ҳифзу нигаҳдошти каломи ноби тоҷикӣ ҳамеша ҳидоят месозад."

Баъдан донишҷӯён Сафарзода Сироҷиддин дар мавзуи "Зиндагиномаи устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ", Муҳтарамаи Зиёвуддин дар мавзуи "Панду ахлоқ дар эҷодиёти устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" ва Нурридинзода Моҳру дар мавзуи "Мизони андеша дар эҷодиёти устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ" маърӯзаҳои худро ироа намуданд.

Дар охир маҳфил бо саволу ҷавоб миёни иштирокдорону маърӯзачиён ба анҷом расид.

# ВОХӮРИИ НАВБАТИИ КОРМАНДОНИ ЛОИҲАИ TRIGGER

Рӯзҳои 14-15.09.2023 вохӯрии кормандони Лоиҳаи Фонди Аврупо Эрасмус+ TRIGGER "Роҳандозии усулҳои инноватсионӣ, малакаҳои соҳибкорӣ ва муносибат бо донишҷӯён тавассути фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати бо кор таъминшавии хатмкунандагони МТОК дар Осиёи Марказӣ" дар шаҳри Намангони Ӯзбекистон баргузор гардид.

Дар вохӯрии мазкур муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ Худойдодова Шарофат, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия Рафиев Сафархон, сардори шуъбаи ТАКИП Қурбонова Умеда ва роҳбари бахши таҷрибаомӯзии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Исуфов Шердил иштирок намуданд.

Дар ин вохӯрӣ мазкур масъалаҳои кории лоиҳа, натиҷаҳои корҳои иҷрошудаи бастаҳои корӣ баррасӣ гадида, тариқи рӯнамо (презентатсия) намош дода шуданд. Бояд гуфт, ки намояндагони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба ташкил ва баргузории таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар доираи лоиҳаи мазкур маълумот пешниҳод намуданд.

# ТАҶЛИЛИ РӮЗИ РӮДАКӢ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

Ҳамасола санаи 22 сентябр ҳамчун Рӯзи Рӯдакӣ бо шукуҳу шаҳомати хоса дар тамоми кишвар баргузор мегардад.



Санаи 22-юми сентябр дар Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ бо иштироки намояндагони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр, аҳли адаб, роҳбарият ва омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии сиёсию фарҳангӣ баргузор гардид.

Пеш аз чорабинӣ дар саҳни Қасри фарҳанг меҳмонон аз намоиши асарҳои мондагори Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва шоирону адибон дидан намуданд.

Нахуст муовини раиси шаҳри Кӯлоб Даминзода Арафамо суханронӣ намуда, ҳозиринро бахшида ба бузургдоши Рӯзи Рӯдакӣ таҳният гуфтанд ва барояшон саодати зиндагию бахту иқболи баландро таманно намуд.

Зикр гардид, ки Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз саромардони шеъри форсии тоҷикӣ маҳсуб ёфта, бо назми оламгир ва нотакрори худ ҳамчун тарбиятгари ҷомеаи башарӣ ба сӯи арзишҳои олии инсонӣ ва ҳидоятгари насли ҷавон ба сӯи созандагиву офарандагӣ мақому ҷойгоҳи шоистаро сазовор аст.

Сипас ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, зикр намуданд, ки устод Рӯдакӣ офтоби тобноки адабиёти мо ба шумор меравад.

Гуфта шуд, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барҳақ таъкид намудаанд: "Забони шеъри Рӯдакӣ забони меъёр ва забони адабии мост, ки онро бо гузашти дувоздаҳ аср мо имрӯз низ истифода мебарем ва бо шеъри Рӯдакӣ ҳар рӯз сухан мегӯем"

Баъдан Шоири халқии Тоҷикистон Ҳақназар Ғоиб оид ба осори устод Рӯдакӣ сухан гуфта иброз доштанд, ки Маликушшуаро на танҳо пояғузори адабиёти тоҷику форс, султони шоирон, одамушшуаро, қофиласолори шеър ва соҳибқирони шоирӣ, балки рамзи ҷовидонаи адаб ва фарҳанги миллати кӯҳанбунёди тоҷик мебошад.

Ҳамзамон Ашурова Нодира, доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оид ба зиндагинома ва фаъолияти устод Рӯдакӣ суханронӣ намуданд.

Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ бо иштироки аҳли ҳунар аз эҷодиёти пурғановати устод Рӯдакӣ суруду тарона пешниҳод гардид.

# ТАҶЛИЛ АЗ РӮЗИ РӮДАКӢ



Таърихи 21-уми сентябр дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мизи мудаввар бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ баргузор гардид.

Дар чорабинӣ декани факултет, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Ҳусайнзода Аминҷон, мудири кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Муродова Гулчеҳра, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултет Каримзода Исроил ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст дотсент Муродова Гулчеҳра суханронӣ намуда, чорабиниро ифтитоҳ намуданд ва ҳозиронро бо ин ҷашн шодбош гуфтанд. Сипас донишҷӯи соли сеюми факултет Расулзода Абдулбосит баромад намуда, қайд карданд, ки Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз шоирони пуркор ва сермаҳсули ҷаҳон аст. Эҷодиёти ӯ аз 8-солагиаш оғоз шуда, қариб 70 сол давом кардааст. Ин шоири баргузида аз худ ба мо мероси гаронбаҳои адабӣ боқӣ мондааст.

Дар қисмати охири чорабинӣ гурӯҳи донишҷӯёни факултет дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ маърӯзаҳои худро ироа намуданд, инчунин порчаҳои назмиву насрӣ аз эҷодиёти шоир қироат гардид.

# БАРГУЗОРИИ МАҲФИЛИ ҶАҲОНИ АНДЕША

Санаи 22-юми сентябр дар факултети тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ маҳфили "Ҷаҳони андеша"-и назди кафедраи фалсафа доир гардид.



Дар маҳфил мудири кафедра, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Абдуллоев Насрулло, роҳбари маҳфил, ҳамзамон муаллими калони кафедра Раҷабов Аминҷон, ассистенти кафедра Фирӯзи Илҳом ва аъзоёни маҳфил иштирок доштанд.

Маҳфилро мудири кафедра Абдуллоев Насрулло оғоз намуда, оид ба мавзуъҳои баррасишаванда маълумот доданд.

Сипас Баротов Ш., донишҷӯи курси 2-юми факултети физика ва математика дар мавзуи "Фалсафа, доираи проблемаҳо ва нақши он дар ҷомеа", Холзода С., донишҷӯи курси 2-юми факултети филологияи хориҷӣ дар мавзуи "Сотсиология ҳамчун илм", Саломатшоҳзода Мадина, донишҷӯи курси 2-юми факултети омӯзгорӣ ва фарҳанг дар мавзуи "Фарҳангшиносӣ ҳамчун илм" баромад намуданд.

Дар охир маҳфил бо саволу ҷавоб ва баҳсу мунозираи омӯзгорону донишҷӯён ба анҷом расид.

# СОЗИШНОМАҲОИ ҲАМКОРӢ БО ДОНИШГОҲҲОИ БЕЛАРУС



6 октябри соли равон дар доираи Форуми дуюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Беларус, ки санаҳои 5-6 октябр бо иштироки вазирону масъулони соҳаи маориф, ректорони беш аз 50 донишгоҳҳои ҳар ду давлат дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Белорус баргузор гардид, миёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварҳо созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шуд.

Аз ҷумла ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек бо Донишгоҳи давлатии педагогии Белорус ба номи Максим Танк дар шахси ректори он Жук Александр Иванович ва Донишгоҳи давлатии Брест ба номи А.С.Пушкин дар шахси ректори он Голубев Юрий Петрович созишномаҳои ҳамкорӣ ба тасвиб расонд.

Ҳадаф аз созишномаҳои мазкур рушди сафарбарии академии омӯзгорону донишҷӯён, табодули таҷрибаи пешқадам, фаъолияти муштараки илмӣ, ташкил ва баргузор намудани конференсияҳо, ба роҳ мондани нашри маводи илмӣ ва дигар фаъолиятҳои фарогири манфиатҳои ҷонибҳо иборат буда, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мустақим ва судманд дар соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва баланд бардоштани самаранокии корҳои таълимӣ, методӣ ва тадқиқотӣ мусоидати созгор хоҳанд дошт.

# МИЗИ МУДАВВАР: РӮДАКӢ-ШОҲСУТУНИ АДАБИЁТИ ФОРСУ ТОҶИК



Ба ифтихори Рӯзи Рӯдакӣ рӯзи 18-уми сентябр дар факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мизи мудаввар дар мавзуи "Рӯдакӣ-шоҳсутуни адабиёти форсу тоҷик" бо иштироки омӯзгорону донишҷӯёни факултет баргузор гардид.

Дар мизи мудаввар ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон, декани факултет, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика, дотсент Зулфиев Гадомад, муаллими калони кафедраи молия ва қарз Сафаров Зулфиқор ва дигар омӯзгорон иштирок доштанд.

Дар ибтидо ноиби ректор оид ба илм ва инноватсия, дотсент Рафиев Сафархон суханронӣ намуда, қайд доштанд: "Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихормандӣ дар бобати хидмати беғаразона, ватанпарастона ва ҷоннисоронаи устод Рудакӣ чунин фармудаанд: "Модари тоҷик устод Рӯдакӣ, султони суханро мулки Аҷамро ба дунё овард ва шеъри оламгири ӯро бо забони ширину гуворо ва нармиву покии тоҷикона ба гӯши наслҳои нав ба нав меҳонд ва аз боду борон ва газанди рӯзгорон ҳифз менамуд ва барои наслҳои оянда, аз ҷумла барои мову шумо, чун мероси падар ба ворисон ба ёдгор гузоштааст".

Ҳамчунин декани факултет, дотсент Фатҳуллозода Абдухолиқ зикр доштанд: "Шеъри устод бо мазмуну муҳтавои олӣ ва арзишҳои башардӯстонаи худ аҳли оламро ба сулҳу рафоқат, дӯстиву адолат, рӯзгори босаодат даъват намуда, пайвандгари наслҳои гузашта, имрӯз ва ояндаи миллати тоҷик аст, ки бо арзишҳои бузурги ахлоқӣ, илмиву фарҳангӣ ва таърихӣ оинаи муҷаллои зиндагии мову шумо ва мардуми соҳибтамаддуни ҷаҳони муосир мебошад. Барои мо тоҷикон ифтихори бузургест, ки устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шуҳрати оламшумул дорад ва дар ҳавзаи забони адаби тоҷику форс ба ҳайси поягузори адабиёти классикӣ пазируфта шудааст".

Сипас Зулфиев Гадомад, декани факултети филологияи тоҷик ва журналистика дар мавзуи "Мавқеи Рӯдакӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик", Сафаров Зулфиқор, муаллими калони кафедраи молия ва қарз дар мавзуи "Зиндагиномаи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ", Одинаев А., донишҷӯи курси 2-юми факултет дар мавзуи "Рудаки - основатель таджикско - персидской литературы" баромад намуданд.

Дар охир аз ҷониби донишҷӯёни факултет шеърҳо аз ашъори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ манзури ҳозирин гардонида шуд.

# ЧОРАБИНИИ ИЛМӢ-ФАРҲАНГӢ

Санаи 22-юми сентябри соли равон дар факултети филологияи руси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чорабинии илмӣ-фарҳангӣ бахшида ба Рӯзи Рӯдакӣ ва истиқболи 32-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар чорабинӣ декани факултет, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шарипова Одинамо, сардори Раёсати тарбия Холматов Баҳром, сармутахассиси Раёсати тарбия Дӯстов Насим, мудирони кафедраҳои тахассусии факултет ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯён иштирок доштанд.

Нахуст декани факултет, дотсент Шарипова Одинамо суханронӣ намуда, ҳозиронро бо ин рӯзи муборак шодбош гуфтанд. Инчунин қайд карданд, ки маҳз устод Рӯдакӣ бо каломи безаволи худ, ки дар он ғояҳои баланди инсониву башариро сурудааст, бунёди меъёри солими забониноби адабии тоҷикӣ-форсиро гузоштааст, ки минбаъд бар зербуни он тамоми адабиёти пурифтихор ва дар олам эътирофгардидаи классикиву имрӯзии мо бегазанд қомат афрохт.

Баъдан Мирзомуродзода Н., донишҷӯи курси сеюми факултет дар мавзуи "Эҷодиёти Рӯдакӣ", Фарҳундаи Хайрулло, донишҷӯи курси сеюм дар мавзуи "Даврони пирии устод Рӯдакӣ" ва Каримова Фариза, донишҷӯи курси сеюм дар мавзуи "Афсона ва ҳақиқати "Бӯйи ҷӯи муллиён" маърӯзаҳои худро баромад намуданд.

*Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан,*
*Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.* *Саъдӣ Шерозӣ*

Анвори дониш
№7 (343), ҶУМЪА, 13.10.2023

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАБИӢ-ИҚЛИМИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАМОЮЛҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ОНҲО ДАР АСРИ XXI



Тоҷикистон дорои масоҳати 143,1 ҳазор км2 мебошад. Дар шимол бо Қирғизистон (дарозии сарҳад - 630 км), дар шарқ бо Хитой (430 км), дар ҷануб бо Афғонистон 1030 км) ва дар шимолу ғарб бо Узбекистон (910 км) ҳамсарҳад аст. Релефи кӯҳистон масоҳати бештарин дорад. Системаи кӯҳии Тоҷикистон 93% ҳудуди кишварро дар бар мегирад ва тақрибан ними қаламрави кишвар аз 3000 метр болотар қарор дорад. Чун Тоҷикистон дар минтақаи сейсмологии фаъол қарор дорад, тамоми масоҳати ҷанубу шарқи Осиёи Марказиро дар бар мегирад, дар ин ҷо зилзилаи зиёд ба мушоҳида мерасад. Аз се як ҳиссаи ҳудуди кишварро дар ғарб доманакӯҳҳо ва биёбонҳо (ҳамвориҳои нимхушки гиёҳӣ) ташкил мекунанд. Минтақаҳои поёнӣ дар водиҳои дарёҳо дар ҷанубу ғарбӣ ва дар кунҷи шимол, ки хатти ҳудудӣ то водии Фарғона тӯл мекашад, ҷойгиранд. Бинобар кӯҳистонӣ будани минтақа танҳо 5% қаламрави Тоҷикистонро заминҳои киштшаванда ташкил мекунанд. Иқлими кишвар континенталӣ буда, лаппиши мавсимӣ ва шабонарӯзии ҳарорат ва намии ҳаво мушоҳида мешавад. Сохти мураккаби релеф ва баландии амплитуда ба сохтҳои гуногуни беназири иқлим бо гуногунии ҳарорат боис шуда метавонад. Миқдори боришот аз ҷойгиршавӣ ва маҳали дар нишеби кӯҳҳо ва гардиши массаҳои ҳавоӣ вобаста аст. Боришоти миёнаи солона дар биёбонҳои гарми ҷануби Тоҷикистон ва биёбонҳои хунуки баландкӯҳҳои Помири шарқӣ аз 70 то 160 мм боло-поён меравад, дар ҳоле ки боришот дар маркази Тоҷикистон метавонад аз 2000 мм зиёд бошад.

Дар водиҳо ва ҳамвориҳо (аз 500м) ҳарорати миёнаи моҳи июл аз 23ОС дар шимол то 30ОС дар ҷануб, дар моҳи январ -10С аз шимол то 30С дар ҷануб мерасад. Боришот дар як сол 150-300 мм мерасад.

Гармтарин моҳ ин моҳи июл ва хунуктарин моҳ моҳи январ аст, аммо ҳарорати миёнаи солона ба таври васеъ тағйир меёбад. Дар водиҳо ва доманакӯҳҳо, дар минтақаҳои кӯҳсор ҳарорат аз +6 то +170С мерасад, масалан дар Помири ғарбӣ иқлим шадид аст ва ҳарорати миёнаи солона дар ин ҷойҳо ба 000С мерасад, дар баландиҳои начандон зиёд ба +6+80С мерасад.

Махсусан иқлими шадид дар Помири шарқӣ фарқ мекунад, ки дар он ҷо ҳарорати миёнаи солона ба -1 то -60С болопоён меравад. Ҳарорати ҳадди ақали мутлақ дар минтақаҳои кӯли Булункул (-630С) ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраҳои солҳои 1940 то соли 2000 дар минтақаҳои дурдаст тағйирёбии миёнаи ҳарорат мусбат аст ва тамоюл аз 0,30С (Хуҷанд) то 1,20С (Данғара) иваз мешуд.

Дар баландкӯҳҳо (аз 2500 м баландтар аз сатҳи баҳр) афзоиши ҳарорати солона аз 0,2 - 040С мерасад ва танҳо дар нишебии баландкӯҳи Булункул пастшави ҳарорат (-1,10С) ба қайд гирифта шудааст.

Кӯҳҳои баланд ҳамеша бо барф ва ях рупӯш шудаанд. Пиряхҳо аз масоҳати умумии мамлакат тақрибан 6%-ро ташкил медиҳанд. Дар натиҷаи тағйирёбии иқлим онҳо кам мегарданд. Дар тӯли 20 сол пиряхи калонтарини Федченко 1 км аз дарозӣ, 11 км2 аз ҳаҷм ва тақрибан 2 км3 яхаш об шуд.

Хоки замин асосан хокистарранг, қаҳваранг ва кӯҳиву алафзор аст. Растаниҳо биёбонӣ, баландкӯҳӣ ва марғзорӣ мебошанд.

Дарёҳои Тоҷикистон барои таъмини озуқаворӣ ва амнияти бехатарии энергетикӣ, ҳамчунин барои зиёдшавии баҳри Арал сарчашмаи асосӣ мебошад. Пиряхҳо ва кӯҳҳои ҳамеша барфпӯш баҳри Аралро бо ҳаҷми 13 км3 дар як сол пур мекунад. Дарёҳои асосӣ ин Сирдарё (дарозии умумиаш 2 400 км), ки аз тарафи шимол биёбони Фарғона 195 км роҳро мегузарад, дарёи Зарафшон, ки аз Тоҷикистони марказӣ ҷорӣ мешавад, Кофарниҳон, Вахш ва Панҷ мебошанд, ки ҳавзаи умумии онҳо аз чор се ҳиссаи сарзаминро ташкил медиҳад. Дар Тоҷикистон зиёда аз 1000 кӯл ба қайд гирифта шудааст, ки аз онҳо 80% дар баландиҳои 3000 м аз сатҳи дарё ҷойгир шудаанд. Масоҳати умумии онҳо зиёда аз 680 км2 мебошад ва миқдори зиёди онҳо дар шарқи Помир ҷойгир шудаанд. Аз ҳама кӯли калонтарин кӯли Қаракӯл ба шумор меравад (380 км2), ки дар баландии 3914 м дар шимолу шарқи кишвар ҷойгир шудааст. Амиқтарин кӯле, ки обаш ширин аст, ин кӯли Сарез мебошад, ки бо умқи 490 м, масоҳати 86,5 км2 ва баландии 3239 м аз сатҳи баҳр дар ҷануби Помир воқеъ аст.

Аз рӯи нишондодҳои ҳисоботи Бонки ҷаҳонӣ (с. 2015) Тоҷикистон яке аз кишварҳои суст тағйирёбандаи иқлим дар минтақа мебошад ва иқтидори камтаринро ба мутобиқшавӣ (адаптатсия) дорад.

Ин ба вобаста будани соҳаи кишоварзӣ аз боришот дар мавсими обёрӣ, дараҷаи баланди харобшавии муҳити зист, эрозияи замин, суръати аз байн рафтани ҷангал ва харобшавии инфрасохтори иҷтимоӣ алоқаманд аст, ҳам ба дараҷаи тамини зисти бехатари аҳолӣ таъсир расонад. Аҳолии деҳот бештар дар бахши соҳаи кишоварзӣ фаъолият мекунанд ва аз ҳамин нуқтаи назар нисбатан осебпазиртар ба шумор мераванд. Аз даст рафтани воситаҳои зиндагӣ дар натиҷаи фишори иқлимӣ, хушкӣ, дастрасии маҳдуд ба захираҳои об ва энергия ва талафот дар гуногунии биологӣ яке сабабҳои бадшавии ҳаёти мардуми деҳот мебошанд.

Ба миқдори зиёд об ва захираи 50 % оби ҳавзаи баҳри Арал нигоҳ накарда, идораи сарчашмаҳои обӣ дар сатҳи паст қарор доранд, ки мушкилиҳои байнисарҳадӣ ва дохилиро аз назари миқдор ва сифати об пеш меоварад. Албатта, об дар Тоҷикистон афзалияти баланди экологӣ дорад.

Дастрасӣ ба оби ошомиданӣ ва мушкилиҳои қубурҳо (канализатсия). Танҳо тақрибан 60 % аҳолӣ имконияти истифодаи оби тозаро доранд, ки он ҳам на ҳамеша ба талаботҳои санитарӣ ҷавобгӯ аст. Боқимондаи аҳолӣ аз оби рӯизаминӣ истифода мебаранд, ки баъзан аз ҳисоби заиф будани воситаҳои обтозакунӣ ва зиёдшавии мавзеъҳои беиҷозати партов олуда мегардад.

Ҳаҷми боришот, ки қобилияти ҷазбкунии заминро баланд мекунад, ярч, сел ва обхезиҳоро ба вуҷуд меорад. Дар Тоҷикистон тақрибан 50 000 ярч ба ҳисоб гирифта шудааст. Бо сабаби зиндагонии одамон дар ҷойҳои хатари ярч ҳазорҳо одамон қурбон мешаванд ва миллионҳо доллар сарф мешаванд.

Саноати истихроҷи маъдан ба парвариши пахта миқдори зиёди партовҳоро ба вуҷуд меоранд ва моддаҳои химиявии ин партовҳо ба замин зарар мерасонанд. Саноати истихроҷи маъдан барои 77% партовҳо ҷавобгӯ мебошад ва соҳаи пахтакорӣ бошад, заминро бо поруҳои химиявӣ таъмин менамояд. Сатҳи зарари захри пеститсидҳо, гербитсидҳо ва дефолиантҳо дар тамоми мамлакат падидор гаштааст.

Дар зарфи 10 соли охир суръати нобудшавии ҷангал боло меравад. Ин ба зиёдшавии эрозияи замин ва масоҳати биёбонҳо мусоидат карда, заминҳои нишебиро ба ярч моил мегардонад.

Урбанизатсияи ғайри қобили танзим, васеъшавии зироатҳои соҳаи кишоварзӣ ва фаъолияти инсон вазъи муҳити зистро бадтар ва гуногунии биологиро камтар мегардонад. Ҷанги шаҳрвандии солҳои 1990 ба гуногунии биологӣ низ таъсири худро расонд. Харобшавии (деградатсияи) замин, нобудшавии ҷангал ва зиёдшавии масоҳати биёбонҳо ба наботот ва ҳайвоноти ғании Тоҷикистон таҳдид мекунад.

Дар натиҷаи гармшавии иқлим бахши тандурустии кишвар, эҳтимолан, зиёдшавии хавфи паҳншавии бемориҳои сироятиву паразитӣ, аз ҷумла малярияро пешгӯӣ мекунад. Тағйирёбии гардиши гидрологӣ метавонад ба камшавии об мусоидат кунад, ки ба зиёдшавии ботлоқзорҳо ва болоравии ҳарорати об дар дарёҳо, ки теъдоди обҳои ба малярия ва вабо мусоидаткунандаро, бахусус дар ҷараёни поёнии дарёҳои Вахш, Кофарниҳон ва Панҷ зиёд мегардонад, оварда расонад. Ба эҳтимоли зиёд, вобаста ба болоравии ҳарорат, алалхусус дар фасли тобистон, дар минтақаҳои гарм фавти калонсолон ва кӯдакон аз ҳисоби гармо зиёд мешавад.

Дар айни ҳол аз тарафи олимони соҳаи иқлимшиносии ҷаҳон назарияҳои тағйирёбии иқлим хеле мураккаб ва ба ду қисм ҷудо гардидааст. Назарияи якуми олимони иқлимшинос тағйирёбии иқлим ин ҳодисаи табии буда, ҳар як ҳазорсолаҳо такрор меёбад новобаста аз таъсири инсон. Дигар гурӯҳи олимон назарияи тағйирёбии иқлимро чунин маънидод карда маълум намудаанд, ки сабаби асосии тағйирёбии иқлими сайёра ин таъсири манфии инсон ба муҳити зист аст. Вобаста ба ин аз тарафи олимони соҳа корҳои зиёде оид ба омӯзиши тағйирёбии иқлим гузаронида шудааст. Яке аз сабабҳои асосии тағйирёбии иқлим дар сайёра ин таъсири бевоситаи инсон, яъне бештар хориҷ кардани дуоксиди гази карбон ($CO_2$) мебошад.

Таъсири газҳои хориҷ гардида ба ҳавои атмосфера дар қисми поёни қабати атмосфера ҷойгир шуда, боиси такроран инъикос кардани рӯшноиро ба замин мегардад.

Бояд қайд кард, ки молекулаҳои газҳои хориҷшудаи дуоксиди карбон, метан, буғи об, пайвастагиҳои хлордор ва дигар газҳо боиси пайдо кардани миқдори зиёди гармиӣ дар қабати атмосфераро ба миён оварда истодаанд.

Дар як сол ба ҳисоби миёна ҳангоми сӯхтани метан 25 - 1012 кг ва сӯхтани ангишт, нефт, гази табиӣ, пайвастагиҳои силикатдор миқдори зиёди гази $CO_2$ дар қабати атмосфера захира шуда истодааст, ки дар 100 соли охир ба 25- 10120, як қабати муайянеро ба миён овардааст ва ин ба афканишоти фаъоли нури офтоб ба зироатҳои кишоварзӣ имконият намедиҳад.

Дигар назарияҳои тағйирёбии иқлим алоқамандии байни $CO_2$ дар атмосфера ба иқлим вобастагии худро дорад. Ҳангоми кам шудани консентрасия $CO_2$ дар реаксияҳои химиявӣ суръати он кам шуда, таъсири моддаҳои захрнок зиёд мегардад. Ин нишон медиҳад, ки гази "$CO_2$-омили асосии тағйирёбии иқлим набуда, балки афзудани консентрасияи $CO_2$ боиси тағйирёбии иқлим гардидааст.

Яке аз сабабҳои асосии тағйирёбии иқлим дар сайёра ин бештар ҳодисаҳои ба миён омадани вулканҳо дар табиат мебошад.

Дар корҳои илмӣ-тадқиқотии (Ефимова, 1994; Строкина, 1994; Байкова, 1994; Малкова, 1994), исбот карда шудааст, ки дар 25 соли охир ҳарорати ҳавои атмосфера шабона ба 1,8°С ва рӯзона ба 1,6°С гармӣ тағйир ёфтааст. Дар асоси таҷрибаҳои (Костюков, 1995; Леженин, 1995; Черникова, 1995), қайд карда шудааст, ки 15 соли охир тағйирёбии иқлим хеле зиёд ба назар расида истодааст.

***Насимҷон ҒИЁСОВ,***
***номзади илмҳои кишоварзӣ,***
***устоди кафедраи биология ва методикаи таълими он***



# КОНФРОНС. ТАҲЛИЛ АЗ РӮЗИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷойгоҳи хосса бархӯрдор буда, ҳамасола ба хотири гиромидошти он санаи 5-уми октябр дар мамлакат Рӯзи забони давлатӣ ҷашн гирифта мешавад.

Бо ин мақсад имрӯз бахшида ба Рӯзи забони тоҷикӣ ва Рӯзи омӯзгор дар бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ конфронси илмӣ-назариявӣ дар мавзуи "Саҳми Пешвои миллат дар бузургдошт ва рушди забони тоҷикӣ" баргузор гардид.

Дар конфронс ректори донишгоҳ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек, муовини ректор оид ба таълим, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Абдусамадзода Эраҷ, муовини ректор оид ба илм ва инноватсия, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Рафиев Сафархон, муовини ректор оид ба муносибатҳои байналмилалӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Худойдодова Шарофат ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯён ширкат варзиданд.

Нахуст профессор Раҳмон Дилшод Сафарбек суханронӣ намуда, зимни суханронии хеш аз мақому манзалати ин рукни давлатдории миллӣ ёдовар шуданд. Таъкид гардид, ки забони тоҷикӣ бо таърихи кӯҳанбунёди миллати тоҷик робитаи ногусастанӣ дошта, дар тӯли таърих яке аз василаҳои аслии ҳифзу нигоҳдошти мероси гаронбаҳои маънавии халқи ин марзу бум ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, таҳлил аз Рӯзи забони давлатӣ яке аз падидаҳои таърихии даврони истиқлоли кишварамон маҳсуб мешавад. Ҳамзамон ҳозиринро бахшида ба Рӯзи омӯзгор ва забони давлатӣ шодбош гуфтанд.

Сипас Ваӣзода Ҳокимхон, дотсенти кафедраи забони муосири Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мавзуи "Рисолати забони тоҷикӣ", Қаюмова Мубина, саромӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Сарҳади тоҷик - забони тоҷик аст" ва Назаров Ҳотам, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар мавзуи "Омӯзгор -ташаккулкунандаи олами маънавии инсон" маърӯзаҳои илмӣ намуда, таъкид доштанд, ки забони миллӣ рукни муҳимтарини давлатдорӣ буда, ҳифз кардани он, риоя намудани меъёрҳо ва аз забони халқу осори гаронбаҳои пешин бой гардонидани захираи луғавии ин забони нобу шоирона, вазифаи ҳар як соҳибватан мебошад.

Мо бояд дар шароити кунунӣ ба рушди забонамон эътибори ҷиддӣ диҳем ва онро аз таъсири манфии ҳар гуна унсурҳои бегона эмин нигоҳ дорем.

Дар анҷоми конфронс ба Сулаймони Абдуқаҳҳор, муаллими калони кафедраи методикаи таълими физика ва технологияи материалҳо барои саҳми муносиб дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму маориф, иштироки фаъол дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва сазовор гардидан ба мақоми "Омӯзгори соли Тоҷикистон - 2023" бахшида ба Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Рӯзи омӯзгор, ҳамзамон ба як қатор омӯзгорони донишгоҳ барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо сипосномаи ректори донишгоҳ қадрдонӣ карда шуданд.

*Фаровон сухан гуфт зебову нагз,*
*Ҷавонро зи дониш тиҳӣ буд магз.* *Абулқосим Фирдавсӣ*



# БОЗТОБИ МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР "МАСНАВИИ МАЪНАВӢ"



Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ яке аз пурсортарин шоирони адабиёти классикии тоҷику форс мебошад. Ӯ аз сарзамини Вахшонзамин чун хуршед тулӯъ намуда, дар фарози шаҳри Кунияи Туркия ба дурахшидан оғоз кард ва ҳеҷ гоҳ ба ғуруб нахоҳад рафт.

Дар мавриди нақши Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар адабиёти классикӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз намудаанд: "Осори Ҷалолиддини Балхӣ дар радифи даҳ китоби сертеъдод ва хонданитарини аҳли олам қарор гирифтааст."

Устод Ҷалолиддини Балхӣ баояндагон осори гаронарзише, ки саршор аз панду андарз ва мазмуну ҳикмат аст, мерос гузоштааст, ки яке аз онҳо "Маснавии маънавӣ" мебошад. Ин асар аз ҷумлаи машҳуртарин асарҳои Мавлоно ба ҳисоб меравад. Ҷалолиддини Балхӣ дар "Маснавӣ" муҳимтарин масъалаҳои ирфону тасаввуф, руҳоният, тариқату шариат ҳамчунин адолат ва ҳаёти башариро ба риштаи тасвир кашидааст.

**Осори Мавлоно дар марҳалаи имрӯза барои суботи сиёсию иҷтимоии миллатҳо аҳамияти беназир дорад. Воқеан ҳам, устод Ҷалолиддини Балхӣ бо осори гаронарзиши худ аз қаъри асрҳо на танҳо барои наҷоти миллати худ, балки барои наҷоти башарият омадааст.**

Дар хусуси забони "Маснавии маънавӣ"-и Ҷалолиддини Балхӣ ҳаминро қайд кардан мумкин аст, ки он дар ҳама давру замон бо оммафаҳм будани мазмуни худ машҳур гардидааст. Ҳамчунин, бояд таъкид намуд, ки "Маснавии маънавӣ" бо муҳтаво ва мазмуни баланди худ бисёр машҳур гардидааст. Дар ин бора ба забонҳои гуногуни ҷаҳонӣ тарҷума шудани он баръало гувоҳӣ медиҳад.

"Маснавии маънавӣ" ниҳоят аҳамиятнок буда, дар пайравии он бисёр шоирону нависандагони зиёде асар эҷод намудаанд. Вобаста ба мазмуну муҳтавои он олимони зиёде асарҳои илмӣ навиштаанд.

Оид ба масъалаи сиёсӣ ва иҷтимоӣ, афкори Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аҳамияти хеле калон дорад, ки мазмуни он аз волотарин хислатҳои инсонӣ, дастгирии ҳамдигар, адолатхоҳӣ, ҳақиқатпарастӣ ва амсоли инҳо иборат аст. Дар ҷамъияти инсоние, ки офарида шудааст, бояд чунин хислатҳои ҳамида вуҷуд дошта бошад. Дар ин маврид чунин мефармояд:

***Ҳақ зи ҳар ҷинсе чу завҷайн офарид,***
***Пас натоиҷ шуд, ҷамъият падид.***

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар "Маснавии маънавӣ" ба масъалаи ахлоқи инсонӣ низ таваҷҷуҳ мекунад. Яке аз масъалаҳои хеле муҳим ва махсусу маъруф дар эҷодиёти Мавлоно мавзуъҳои пандуахлоқӣ мебошад. Дар тамоми осори писандидаи шоир сухан ҳамеша атрофи ахлоқ меравад. Панду андарзҳои Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дилчаспу муассир иншо шуда, забони равону муъҷазу самимӣ доранд ва иртиботашон бо воқеъияти қавист. Мутафаккир дар қисмати ахлоқ, дар бораи одоб, сабр, илмомӯзӣ, хоксорӣ, раҳм бар нотавонон, машварати ақлҳо, дӯстӣ, эҳтироми худ ва дигарон, ростӣ, хоксорӣ, ростқавлӣ ва дигар мафҳумҳои ахлоқи ҳамида сухан мегӯяд. Мавлоно қабл аз ҳама инсон шуданро ба инсонҳо талқин менамояд:

***Чанд сурат охир,***
***эй суратпараст,***
***Ҷони бемаънӣ аз сурат нараст.***
***Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ,***
***Аҳмаду Буҷаҳл худ яксон будӣ.***
***Ё ҷойи дигар мегӯяд:***
***Охир одамзодаӣ, эй нохалаф,***
***Чанд пиндорӣ ту пастиро шараф.***

Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз рӯйи махсусиятҳои андешаронӣ ҳамчун мураббӣ, шахсияти андешаманду равоншиноси дурандеш ва шоири озодфикру дар олами шеъру шоирӣ нақши муҳим дорад. Махсусан, озодандешӣ, ки тавассути ишқ сурат мегирад, меҳвари аслии андешаҳои ӯро дар "Маснавии маънавӣ" ташкил медиҳад:

***Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,***
***Касб кун, пас такя бар Ҷаббор кун!***
***Ё ки:***
***Миллати ишқ аз***
***ҳама динҳо ҷудост,***
***Ошиқонро миллату***
***мазҳаб Худост.***

Воқеан ҳам, Мавлоно дар "Маснавии маънавӣ" ба сифати муаллими ахлоқ ва тарбиягари хислатҳои ҳамидаи инсонӣ андешаҳои инсондӯстонаи худро баён намудааст. Дар баробари ин ӯ инсонҳоро дар рӯҳияи зиндадилӣ тарбия менамояд:

***Кӯйи навмедӣ марав, умедҳост,***
***Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.***

Дар "Маснавии маънавӣ" ҳазорон - ҳазор андешаҳои инсонпарварварона, ҳикматҳои фалсафӣ, арзишҳои ахлоқӣ, масъалаҳои равоншиносӣ, таърихӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғайра мавҷуд аст, ки метавон дар бораи онҳо ҷилд - ҷилд китобу рисола навишт, зеро ӯ аз чунон дониш ва биниши густурда ва завқу шавқи беназир бархурдор аст, ки оламро дар худ ва худро дар олам ғунҷондааст.

Осори Мавлоно дар марҳалаи имрӯза барои суботи сиёсию иҷтимоии миллатҳо аҳамияти беназир дорад. Воқеан ҳам, устод Ҷалолиддини Балхӣ бо осори гаронарзиши худ аз қаъри асрҳо на танҳо барои наҷоти миллати худ, балки барои наҷоти башарият омадааст. Дар мавриди адои рисолати худ устод чунин мефармояд:

***Ман ба таблиғи рисолат омадам,***
***То раҳонам мар шуморо аз надам.***

Шеъри Мавлоно шеърест, ки байни замину осмон пул мезанад ва саршор аз ҳаяҷони рӯҳӣ ҳаракату баракату беқарорӣ ва шуру ҷазобаи инсонӣ аст, ки хонандагонро шефта ва мафтун месозад.

Ҳамин тариқ, осори гаронбаҳои Ҷалолиддини Балхӣ дорои аҳамияти ахлоқиву тарбиявӣ буда, ҳар як фарди ҷомеаро дар рӯҳияи инсондӯстиву инсонпарварӣ, некиву накукорӣ ва меҳрубониву садоқат ва самимият раҳнамун месозад.

***Мубина ҚАЮМОВА,***
***омӯзгори кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***

**Мутаассифона, дар рӯзгори мо низ хоинон ва ватанфурӯшоне вуҷуд дорад, ки довталабона муқаддасоту арзишҳои миллиро зери по мегузоранд, ба сафи душманон пайваста, ба муқобили ватан, миллат, оила ва хешу табори худ мубориза мебаранд.**

# ВАЗЪИЯТИ СИЁСӢ, ФАҲМИШИ МАФҲУМҲОИ ЭКСТРЕМИЗМ ВА ТЕРРОРИЗМ

Терроризм ва эстремизм аз як ҷониб чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, ки таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҳар як сокини сайёра аст. Вазъи сиёсӣ дар аксари давлатҳои олам дар замони кунунӣ муташанниҷ шуда истодааст. Даргириҳои ифротгароён, хушунату зӯроварӣ, дар баробари ин экстремизм ва терроризм дар саросари олам хуруҷ карда истодааст, ки ин боиси нигаронии тамоми давлатҳои дунё гардидааст.

Миллати тоҷик аз қадим бо далерию шуҷоатмандӣ, фарзандони қаҳрамонаш,




ки дар тӯли таърих бар зидди истилогарони аҷнабӣ мубориза бурда, ватанро ҳифз намуданд, мефахрад. Корнамоиҳои Шераку Спитамен, Деваштичу Темурмалик, Восеъ ва дигар абармардони тоҷик то ҳанӯз фаромӯш нашуда, наслҳои имрӯзи халқи мо аз онҳо ибрат мегиранд. Мутаассифона, дар рӯзгори мо низ хоинон ва ватанфурӯшоне вуҷуд доранд, ки довталабона муқаддасоту арзишҳои миллиро зери по мегузоранд, ба сафи душманон пайваста, ба муқобили ватан, миллат, оила ва хешу табори худ мубориза мебаранд.

Месазад қайд кард, ки худи мафҳуми "экстремизм" чист? Экстремизм ин ташкилотҳои ифротгароӣ мебошанд, ки дар заминаи хушунату зӯроварӣ асос меёбанд. Билохира ин мактаб аст.

Ин мактабе аст, ки душманони дини мубини Ислом худро мусулмони комил гирифта, барои бо роҳҳои таблиғотию тарғиботӣ, ғайриқонунӣ ба даст овардани ҳокимият дар ин ё он давлат кӯшиш ба харҷ дода, ба ин васила дар ҷаҳони Ислом, ба номи Ислом иснод овардани мешванд ва ҳоло низ оварда истодаанд. Ба ин мактаб бисёртар одамони гумроҳро, аз ҷумла ҷавонписарону ҷавондухтаронро васоити ваъдаҳои бардурӯғ, аз қабили додани маблағи калон, мансаб, ҷоҳу ҷалол ва ғайраҳо ба дом меандозанд. Дар ин мактабҳои экстремистӣ ба онҳо машқҳои шадиди нораворо меомӯзонанд, ки хушунату зӯроварӣ, нодида гирифтани касеро, сарзанию сарбуридаҳо, худкушиҳо ва ғайраҳоро дар бар мегиранд.

Ногуфта намонад, ки ана ҳамин мактаб зинаи аввали терроризм буда, аз ҳамин мактабҳои экстремистӣ террористони ботаҷрибаи моҳияти ҷаҳонӣ баромаданд ва баромада истодаанд, ки дар маҷмуъ бисёр як хатари ҷиддиро дар аксари давлатҳо ба миён меоварад.

Акнун меоем ба сари мафҳуми "терроризм". Терроризм мафҳуми бисёр васеъро дар бар мегирад. Дар таркиби он ифротгароӣ ҳаст, хушунат ҳаст, исёнгароӣ, нодида гирифтан ҳаст, ҳамеша аз чизе ё аз касе норозӣ будан ҳаст, талоши ба сари қудрат ғайриқонунӣ омаданро ифода мекунад.

Террорист ба худ ватан надорад, сарҳад надорад, падару модар надорад, зану фарзанд надорад. Аз баҳри онҳо гузаштааст, баҳри чи мубориза мебарад, ҳадафашро намедонад. "Вале аз ҳадафҳои вайронкорӣ, валангорсозӣ, хушунату зӯроварӣ, табадулот кардан, одамрабоӣ, одамони бегуноҳро ба қатл расонидан, худкушӣ кардан ва ба ин васила соҳибҷаннат шуданро ба хубӣ омӯхта аз худ кардааст". Аммо дар асл гумон мекунам, ки ин тавр нест, чунки худкушӣ кардану касеро ба қатл расонидан ин ғазаби Худовандро овардан аст, на шаҳид шудану ба соҳибҷаннат шудан аст. Онҳое, ки ба ин роҳҳо мераванд, дар ин ҷода иштибоҳи бузурге мекунанд.

Ба ин ё он давлат рафта, ҷангидан, хуни касеро ноҳақ рехтан ба ягон қонуни башарият ва шариати ислом на рост меояду на раво аст.

Бино бар гуфтаи онҳое, ки ватани худро тарк карда, масалан, ба давлатҳои Ироқу Шом, Сурия, Афғонистон, Африқои ҷанубию марказӣ, аз ҷумла ба Кения, Сомалӣ, Нигерия ва дигар кишварҳои олам аз пайи ҷӯстуҷӯи шаҳид шудан, аз пайи ҷӯстуҷӯи соҳибҷаннат шудан ва аз пайи ҷӯстуҷӯи соҳибдавлат шудан мераванд, кори хато мекунанд. Онҳо ҳаргиз ин роҳро дар намеёбанд, чунки сафари онҳо бо мақсади хун рехтани инсонҳо аст. Онҳо барои ватани худро ҳимоя кардан нарафтаанд, онҳо барои ҳимоя кардани волидайни хешу табори худ, қавми худ нарафтаанд, дар ҷангу муҳорибаҳои нобаробар шаҳид шудан кори беҳирадон аст.

***Шарифиддин НУРМАТОВ,***
***саромӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он***

# ЗАБОН ҲАМЧУН ВАСИЛАИ СИЁСАТ ВА ДИПЛОМАТИЯ ДАР АСРИ XXI



***(Бахшида ба Рӯзи забони тоҷикӣ)***

Ҷойгоҳи забон ҳамеша дар меҳвари таваҷҷӯҳи роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошта, сол аз сол имконият барои рушду густариши забони давлатӣ фароҳам меояд ва баҳри эмин нигоҳ доштани забони давлатӣ ҳамчун мероси маънавии миллати тоҷик аз таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд.

Мутафаккири бузург А. Волтер гуфтааст: "Барои аз худ намудани як забон шаш сол кофӣ аст, аммо барои аз худ намудани забони модарӣ як умр кам аст". Ин аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои оламшумули ҷаҳонӣ буда, тӯли ҳастии хеш дар марҳилаҳои гуногуни таърих халқи тоҷик тавонист бо забони ноби худ гуфтугӯ кунад, шеърҳо эҷод намояд, қиссаю достонҳо нависад ва фарҳанги миллии худро чун хати сабз аз як китоб ба китоби дигари таърих сабт кунад.

Яке аз хусусиятҳои хоси инкишофи илми муосир аз он иборат аст, ки сарҳадҳои ба истилоҳ халалнопазири равияҳои гуногуни тадқиқотӣ шикаста шуда, дар ин замина равияҳои нави илмӣ пайдо мешаванд. Илмҳои нав, дар раванди ҷустуҷӯйи мавзуи омӯзиш ва пойгоҳи шоистаи худ маҷбуранд аз усул ва категорияҳои илмҳои нисбатан ботаҷриба истифода намоянд. Чунин ҳолат дар рушди илми забоншиносӣ баръало ба мушоҳида мерасад.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат забони тоҷикӣ ба сифати забони миллӣ ва давлатӣ мақоми забони сиёсат, илму фарҳанг, қонунгузорӣ ва муносибатҳои дипломатиро ба худ касб намуд.

Забон ҳамчун мафҳуми марказии илмҳои забоншиносӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақобати тамаддунӣ аз доираи маҳдуди забонӣ берун баромада, ба категорияи универсалӣ табдил ёфтааст. Табиист, ки дар равияҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, геополитика, муносибатҳои байналхалқӣ, дипломатия, равоншиносӣ, таърих, фалсафа ва ғайра бе ягон шакку шубҳа метавонанд категорияи забонро хамчун категорияи байниилмӣ ё умумиилмӣ дар чаҳорчӯбаи мавзуъҳои таҳқиқотии худ истифода намоянд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони давлатиро аз фазои адабу фарҳанг ба фазои коргузории давлатӣ оварданд, онро дар сатҳи ҷумҳурӣ забони илм намуданд, забони давлатиро ҳамчун унсури давлатдорӣ ва ҷузъи ҳувияти миллӣ баррасӣ намуданд. Ҳамзамон, таҷрибаи давлатҳои кӯҳан ва пешрафтаи дунё ба равшанӣ нишон медиҳад, ки истифода аз як забони умумӣ ба эҷоди миллате бо пайванди иҷтимоии қавӣ ва давлати неруманд боис мегардад. Дар Тоҷикистон забони тоҷикӣ ин мавқеияти шоистаи сиёсиву иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангиро доро мебошад.

Аз нигоҳи таҳқиқоти илмӣ, мавзуи забон ва истифодаи он ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ яке аз проблемаҳои мубрами илми муосир гардидааст. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон имрӯз давлатеро пайдо намудан мушкил аст, ки дар бораи ҳифз ва тақвият бахшидани забони миллии худ ғамхорӣ надошта бошад.

Нақши забон ҳамчун василаи сиёсат ва категорияи илмҳои сиёсатшиносӣ ва геополитикӣ дар қарни XXI бо инкишофи системаҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ниҳоят боло рафтааст.

Ҳарчанд ки забони тоҷикӣ мақоми забони расмиро ҳанӯз дар соли 1989 соҳиб шуда буд, раванди ба забони сиёсат, иқтисод ва илму фарҳанг табдил шудан ва ба самардиҳӣ пардохтани он дар даврони Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, хусусан баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз шудааст. Ва дар амри ба ҳақиқат пайвастани ҳадафҳои ин раванди муҳим, чун дар анҷоми муваффақиятомези дигар ҷараёнҳои ҳаётофарин ва созандае, ки кишварро ба диёри сулҳу субот, бархӯрдор аз ваҳдати миллӣ ва рӯй ба инкишоф табдил додааст, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ниҳоят бузург аст. Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: "Забони миллӣ симо ва пайкари миллат мебошад". Аз ин рӯ, вазифаи ҳар фарди меҳанпараст, огоҳ ва дилсӯз ба фарҳанги миллӣ ҷаззоб, зебо, солим, неруманд ва қобили созандагӣ нигоҳ доштани ин симову пайкар аст.

Мавзуи забон дар сиёсат, дар маҷмӯъ ва дар сиёсати ҷаҳонӣ ва дипломатияи муосир, хусусан нақш ва мақоми сазоворе пайдо намудааст. Чунонки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби хеш "Забони миллат - ҳастии миллат" мефармоянд: "Таърихи давлатдории тоҷикон нишон медиҳад, ки аҷдодони мо барои устувор намудани пояҳои давлатдорӣ ва мустаҳкам намудани ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода намудаанд."

Аз назари таҳқиқоти илмӣ мавзуи забон ва истифодаи он ба хотири ҳимояи манфиатҳои миллӣ яке аз масъалаҳои мубрами илми муосир гардидааст. Дар харитаи сиёсии ҷаҳон имрӯз давлатеро пайдо намудан мушкил аст, ки дар бораи ҳифз ва тақвият бахшидани забони миллии худ ғамхорӣ надошта бошад. Нақши забон ҳамчун василаи сиёсат ва категорияи илмҳои сиёсӣ дар қарни XXI бо инкишофи системаҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ боло рафтааст.

Аҳамияти геостратегӣ ва геополитикии забон дар сиёсати ҷаҳони муосир ва дар дипломатия бо он муайян мегардад, ки забон ҳамчун "неруи нарм" барои расонидани таъсири фарҳангӣ ба муҳити геополитикии давлат амал менамояд. Яъне ҳар як давлат бо роҳи ҳифз ва таҳким бахшидани забони миллӣ барои худ як ҷавшан, як девори муҳофизатии фарҳангӣ эҷод менамояд, то ки таъсири авомили манфии ҷаҳонишавиро заифтар намуда, умри тамаддунии хешро дарозтар созад.

Яке аз ҷанбаҳои манфии ҷаҳонишавӣ дар он зоҳир мегардад, ки рушди технологияҳои иттилоотӣ суръат ва фосилаи паҳн гардидани забонҳои абарқудратҳо ва маҳдуду аз байн бурдани забонҳои миллатҳои хурд ва заифро тағйир додааст. Барои мисол, мутобиқи маълумотҳои мавҷуда, сад сол қабл дар сайёраи мо беш аз панҷуним ҳазор забону лаҳҷаҳо ва гӯйишҳо мавҷуд буд. Имрӯз бошад, дар ҷаҳон беш аз дуним ҳазор забону лаҳҷаву гӯйишҳо боқӣ мондаанд. Яъне, дар тайи сад соли охир нисфи забонҳо аз байн рафтаанд.

Ин раванд ба як қонунмандии сиёсати ҷаҳонии муосир табдил ёфтааст. Маълум аст, ки давлат ҳамчун ниҳоди асосии геополитикӣ ва сиёсӣ ҳамеша барои васеъ намудани доираи таъсири хеш кӯшиш менамояд. Аммо воқеияти имрӯза чунин аст, ки дар ҷаҳон тамоми соҳаҳои фаъолият инҳисори давлатҳои пешрафта гардида, самт ё фазои холӣ барои давлатҳои дигар ё танг мегардад, ё вуҷуд надорад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ давлатҳо аз забон ҳамчун нерӯи нарм, нерӯи таъсиррасонандаи ғайримунокишавӣ дар сиёсати хориҷӣ ва дипломатия барои расидан ба ҳадафҳои геостратегӣ, геофарҳангӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллии худ васеъ истифода менамоянд.

Болотар аз ин, имрӯз масъалаи забон, пок нигоҳ доштани он дар шароити хеле мураккаби рақобати забонӣ, бархӯрди тамаддунҳо, таъмини амнияти иттилоотии давлат, дар гардиши илмӣ мафҳуми таъмини амнияти забонӣ низ ворид гардидааст.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ забон аз як тараф ба унсури муҳимми рақобати забонӣ, аз тарафи дигар ба омили таъсиррасонандаи фарҳангӣ ва гуфтугӯйи тамаддунӣ миёни халқу давлатҳои ҷаҳон мубаддал гардидааст.

Дар ҷаҳони муосир тақрибан тамоми давлатҳои олам дар фаъолияти хориҷии худ сиёсати миллии забониро истифода менамоянд. Дар ин самт хусусан фаъолияти сохторҳои марбутаи сиёсати берунии Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Британияи Кабир, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Федеративии Германия ва дигар давлатҳо фаъоланд.

Сиёсати забонии давлат дар таҳия ва татбиқи сиёсати берунии он, таъсири он ба муносибатҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани имиҷи давлат, эътибори он дар ҷаҳон, боло рафтани боварӣ ба он ва алоқаҳои тамаддунии он саҳми бузург дорад.

Талошҳои пайваста ва пурбори Сарвари давлати тоҷикон буд, ки забони тоҷикӣ марҳалаи наверо дар такомули худ оғоз намуда, ба иҷрои вазифаи худ ҳамчун унсури ваҳдатбахш ва рамзи ягонагиву ваҳдати миллии тоҷикон пардохтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини фаъолият ба ҳайси роҳбари давлат дар баробари анҷом додани вазифаҳои мураккаб ва печидаи марбут ба таҳкими сохтори сиёсии давлат, омода ва баргузор намудани иҷлосияи иқтисодӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ ҳамеша бар он мекӯшад, ки бо ҳамватанон дидору мулоқотҳо ороста, чун муаллиму омӯзгор, сухан аз омӯзиш ва гиромидошти арзишҳои миллӣ бикушояд ва мардумро ба роҳи фарогирӣ ва сабақандӯзӣ аз таърихи миллати хеш ҳидоят намояд.

Дар ин замина Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахустин қадамеро, ки барои худшиносӣ ва огоҳии миллӣ тавсия медиҳад, гиромидошти забон аст. Сарвари давлат забонро появу бунёди ҳастии миллат медонад ва бо далелҳои муътамад нишон медиҳад, ки эҳёи давлатдории миллии тоҷикон пас аз ҳукмронии дусадсолаи арабҳо аз ба саҳнаи сиёсӣ баргардондани забони модарӣ оғоз гардидааст.

Ҳамин тариқ, забони тоҷикӣ бо Истиқлоли давлатӣ пайванди ногусастанӣ дорад ва ба якдигарро пурра мегардонанд. Зеро истиқлоли Ватан аз истиқлоли забон аст ва истиқлоли забон аз истиқлоли Ватан маншаъ мегиранд.

***Нуриддин Парвин,***
***номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***Файзов Рамазон,***
***номзади илмҳои сиёсӣ, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***




# МОЛОДЕЖЬ И ТЕРРОРИЗМ

Проблема терроризма как формы социального насилия занимает одно из ведущих мест по степени своей важности для каждого человека и человечества в целом, что и определяет актуальность изучения данной темы. Особенно важно понимание данной проблемы молодежью, поскольку информированность является своего рода защитой от идеологии экстремизма. Каждому гражданину необходимо знать, что такое терроризм, как распознать террористическую опасность и действовать в экстремальной обстановке. Необходимо изучать и анализировать отношение к терроризму, уровень понимания сущности данного явления молодёжью.

Итак, терроризм - это незаконное предумышленное использование физического и психического насилия или угроза такого насилия со стороны террористических организаций с политическими целями, объектами которого являются гражданские лица или имущество. Из приведенных определений можно выделить три основных признака терроризма:

применение или угроза применения насилия;

его политическая мотивация;

неопределенный круг непосредственных объектов террористического акта, то есть применение насилия в отношении неопределенного круга лиц ради удовлетворения политического (экономического, социального) требования.

Таким образом, о терроризме можно говорить тогда, когда смыслом поступка является устрашение, наведение ужаса. Это основная черта терроризма.

**МНЕНИЕ МОЛОДЕЖИ О ТЕРРОРИЗМЕ**

Какое место в структуре жизненных проблем в молодёжной среде занимает терроризм? Только 37% опрошенных респондентов задумываются о проблеме терроризма. При этом у молодых людей старше 25 лет отмечается высокая заинтересованность в безопасности государства и населения, так как они, вероятно, задумываются о будущем семьи, детей и следующих поколений.

Вместе с тем, молодые люди ощущают возрастание уровня террористической угрозы (45%), что, на наш взгляд, связано с информационной политикой государства. В связи с тем, что на сегодняшний день возросло количество террористических актов в мире, молодёжь опасается угрозы возникновения терроризма и в нашей стране.

Однако количество респондентов, всерьёз обеспокоенных проблемой терроризма в РФ, по-прежнему невелико, а треть опрошенных и вовсе стараются не думать об этом, так как считают, что их это лично не коснётся. Отношение молодёжи к терроризму явно детерминировано возрастом - чем старше молодой человек, тем отчетливее он понимает, что в современном мире вероятность стать жертвой такого преступления довольно высока.

Сегодня часто и повсюду обсуждается террористическая угроза, и, тем не менее, в мире, который в большей мере представляет собой знаковую, виртуальную реальность, реальные смерть, разрушения, страдания мирного населения воспринимаются как кино. Возможно, это и является основной причиной такого отстраненного отношения к жертвам терактов.

***Джабаров Б.,***
***старший преподаватель общеуниверситетской кафедры русского языка***

*Фарёдкунон то ба саҳар бедорам,*
*Фарёди зи бедории шабҳои дароз.* *Хусрави Деҳлавӣ*



# ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ - ЗАМИНАИ МУҲИМИ РУШДИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ



Истиқлол дар марҳилаи таърихи навини тоҷикон як дастоварди бузург ба ҳисоб меравад. Тоҷикон аз қадимулайём миллати озодихоҳу сулҳпарвар буданд, ки солҳои сол дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули давлату давлатдории худ саъйу кӯшиши беандоза зиёд кардаанд.

Истиқлоли давлатӣ масъалаи меҳварии илмҳои сиёсӣ буда, коркарди консепсияи муосир, бахусус дар шароити ҷаҳонишавӣ, таҷдиди назар намудан ба бисёр назарияҳои маъмулиро тақозо дорад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи ин раванд ба ҳалли воқеии масъалаи истиқлоли давлатӣ ва таҳкимбахшии ҳокимияти сиёсӣ дар мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Бӯҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоии солҳои 90-ум ба кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ, бахусус Тоҷикистон мушкилии калон пеш оварда буд. Ин бӯҳрон бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ба амал омад, ки барои минтақа як вазъияти номатлубе буд. Аз як тараф риштаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ канда шуда, аз тарафи дигар нарасидани ашёи хом ва дигар корхонаҳои саноатӣ боиси ин бӯҳрон гардиданд. Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои бадастории истиқлол барои ташаккули пояҳои давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа ба суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид.

Вақте Тоҷикистон истиқлоли худро эълом намуд, пайи ҳам чандин мушкилиҳое пеш омад, ки ҷумҳурӣ дар танҳоӣ имкони ҳаллу фасли онҳоро надошт. Оқибати фурӯпошии Шуравӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон паёмадҳои номатлубе дошт, ки он бо ҷанги шаҳрвандӣ анҷомид.

Ин мушкилӣ садди роҳи давлату давлатдорӣ гашта, барои кишвар хатари манфӣ расонид. Аз байн рафтани системаи идоракунӣ, набуди таҷрибаи давлатдории мустақилона, таззоду рақобат миёни ҳизбу гурӯҳҳо, рӯз то рӯз шуълавар шудани оташи ҷанг, яъсу ноумеди саросарӣ, беҳокимиятӣ ва ҳаракат ба сӯи як вартаи ҳалокатбор… Чунин буд манзараи ҳузнангези Тоҷикистон дар тирамоҳи соли 1992.

Баъд аз ин Тоҷикистон фавран ба гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ шурӯъ намуда, дар кишвар базаи ҳуқуқии ислоҳоти иқтисодӣ таҷдиди назар гардид. Дар ин масъала доштани робитаи наздик бо кишварҳои хориҷ ба хотири амнияти кишвар, таъмини оромӣ ва мусоидат ба ҳалли мушкилоти ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар яке аз нақшҳои асосии ҳукумати мамлакат ба ҳисоб мерафт. Бисёр ташаббусҳои сиёсии роҳбарияти Тоҷикистон, аз қабили тариқи гуфтушунид ҳаллу фасл намудани мухолифати шаҳрвандӣ (солҳои 1992-1997) мусоидат ба ҳалли мушкилоти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон, рушди ҳамкориҳои минтақавӣ, ташаббусҳо оид ба истифодаи оқилонаи захираҳои об ва ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика, мубориза бар зидди терроризм, экстремизм ва қочоқи маводи мухаддир аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамовозӣ ва дастгирӣ пайдо намуданд.

Бояд гуфт, ки бо шарофати истиқлол ва муносибати дӯстию сулҳҷӯёна Тоҷикистон мавқеву манзалати худро дар байни дигар кишварҳои ҷаҳон устувор намуд. Мусаллам аст, ки сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба қуллаҳои баланди истиқлол, таъмини амният, беҳбудӣ ва рушду шукуфоии беш аз пеши ҷумҳурӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф мегардад.

Дастовардҳои мо дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ дар барқарор намудани сулҳу оромӣ ва пойдории Ваҳдати миллӣ, инчунин таъмини рушди устувории иқтисодиву иҷтимоӣ ва таҳкими худшиносиву худогоҳӣ бо шарофати хиради мардуми соҳибмаърифати тоҷик муяссар гардидааст. Аз ҷумла, бо саъю талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо ба чунин комёбиҳои назаррас ноил гардида, ҷойгоҳи худро дар марҳилаи нави ҷаҳонӣ ба даст овардааст. Сиёсати пешгирифтаи давлат дар даврони истиқлол бо ташаббусҳои ҷаҳонии ин шахсият ба қуллаҳои баланд расида, дар рушд ва тавсеаи тамоми соҳаи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии худ муваффақ гардидааст.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷ дар даврони соҳибистиқлолӣ сол то сол вусъат ёфта, ҷойгоҳи назаррасе дар арсаи байналмилалӣ ишғол кардааст. Ва имрӯз аз баракати истиқлол миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Тоҷикистон тамоми олам мешиносад. Акнун замони он расидааст, ки мардум бо дидаи тоза ба оянда нигаранд ва сарнавишти худро бо дастони худ бисозанд.

Хушбахтона, имрӯз Тоҷикистон ва мардуми соҳибфарҳанги он дар остонаи таҷлил аз 36-солагии ҷашни миллӣ - Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд. Ин ҷашн дар шароите таҷлил гардида истодааст, ки бо таҳким бахшидани сиёсати давлат ва фаъолиятҳои Ҳукумат дар роҳи расидан ба ҳадафҳои милливу стратегӣ суръати нав пайдо менамояд.

Дар ин росто, Тоҷикистон сиёсати хориҷии худро тақвият бахшида, мавқеи арзандаи ҷаҳониро давра ба давра ба даст оварда истодааст. Ба таърихи соҳибистиқлолии кишвар назар афканда, мебинем, ки дар ин самти муҳим корҳои арзанда ба анҷом расида, дар баланд бардоштани иқтидори кишвар ва шинохти он дар арсаи байналмилалӣ иқдомҳои зиёде рӯи кор омадаанд. Ин иқдомҳо бо барқарор намудани муносибатҳои байналхалқӣ ба миён омада, бо сарварии Пешвои миллат ҳамкориҳои судманд бо мамлакатҳои ҷаҳон ва дигар созмонҳои байналмилалӣ барои пешрафт ва боз ҳам вусъат додани соҳаҳои ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ дар сафи кишварҳои ҷаҳон ташаккул меёбад. Чунин ҳамкориҳои густурда барои бо ҳамдигар наздик гардидани муносибатҳои ҳамкорӣ байни кишварҳоро ба миён меоварад.

Тамоми масъалаҳои таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва умуман рушди ҳамкориҳои байналхалқӣ ҳамасола дар Паёмҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди назар қарор доранд. Аз мазмуну муҳтавои ҳар як Паём бармеояд, ки тамоми дастур ва талошҳои Пешвои миллат ба хотири ҳифзи сулҳу субот ва таъмини амнияти кишвар, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум, ҳалли мушкилоти глобалии замони муосир, пойдорӣ ва устувории истиқлоли давлатӣ, инчунин баланд бардоштани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ равона шудаанд.

Муносибатҳои байналхалқии Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ роҳи бузургеро тай намуда, иқтидори худро дар ин самти муҳим ба роҳ монда, сол то сол доираи вазифаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии он васеъ мегардад.

Лозим ба ёдоварист, ки ворид гардидани Тоҷикистон дар ҷараёни муносибатҳои байналхалқӣ дар шароити мушкил сурат гирифта буд. Тоҷикистон собиқаи фаъолияти муносибатҳои байналхалқӣ надошт ва мақомоти роҳбарии он дар муқобили вазифаҳои бисёр мушкиле чун созгор шудан ба вазъияти нави геополитикӣ ва муайян намудани ҷанбаҳои муҳими сиёсати хориҷӣ, ки бо шароити нави сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ ва мақоми воқеии Тоҷикистони мустақил дар арсаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мутобиқат дошта бошанд, қарор дошт.

Тоҷикистон барои ҳалли мушкилоти мавҷуда ва шумули масъалаҳои сарҳадӣ аз ҳама гуна зурию фишор худдорӣ карда, бо роҳи мусолиматомези сиёсӣ авлавияти худро пеша кард. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 29 сентябри соли 1993 нахустин бор аз минбари Созмони Милали Муттаҳид сухан ронда, ҷомеаи ҷаҳониро бо нияту нақшаҳои бунёдкорона, ҳадафҳои сиёсии сулҳҷӯёна, расидан ба Ваҳдати миллӣ, инчунин таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо ҳама кишварҳои дӯсту сулҳпарвари ҷаҳон ошно намуд. Акнун бояд хотирнишон сохт, ки дар даврони истиқлол шиносонидани Тоҷикистон ҳамчун як давлати мустақил ва озодихоҳ яке аз муҳимтарин бахши давлатсозӣ ба ҳисоб меравад.

Истиқлоли Тоҷикистон дар шароити тағйирпазирии ҷомеа ҳамчун фарорасии як давраи осоишта ва роҳи расидан ба ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ ба назар мерасад. Пойдориву устувории давлати соҳибихтиёр ва густариши худшиносиву худогоҳӣ маҳз устувории пояҳои истиқлол ба ҳисоб меравад.

Нуфузи имрӯзаи Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир бо шарофати истиқлол дар солҳои бисёр ҳам вазнин боло гузашта, боз ҳам итминон дорем, ки мавқеи байналмилалии Тоҷикистон беш аз пеш устувор гардида, иқтисоди кишвар пешрафтатар ва нуфузу эътибори Ватани азиз ва миллати шарофатманди мо афзунтар хоҳад шуд.

***Некқадам МИРЗОЕВ,***
***унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ***



# ФАРҲАНГ - ҲАМЧУН ВОСИТАИ МАХСУСИ ТАШАККУЛИ ИНСОН

Фарҳанг асоси зиндагӣ ва бунёди ҳастии инсон аст. Пайдоиши фарҳанг бо таърихи башарият пайвастагии ногусастанӣ дорад. Он дар робита ба инсон ба вуҷуд омада, баробари инкишофи шууру маънавиёти ӯ ташаккул меёбад.

Воқеан фарҳанг офаридаи худи инсон аст, ки тассавути он одам нафақат тамоми ниёзу ҳастии худро таъмин менамояд, балки ба муҳити табиӣ иҷтимоӣ дигаргунӣ дароварда, худро низ комилан тағйир медиҳад. Фарҳанг дар тӯли таърихи инсоният тамоми паҳлуҳои рӯзгори мардум ва ҷомеаро фаро гирифта, ба дараҷаи пешрафту қудрати созандагии инсон ривоҷу равнақ мебахшад. Агар оид ба мафҳуми "фарҳанг" сухан ронем, дар маънидоди ин истилоҳ аз давраи қадим то имрӯз бисёр тафсирҳо пайдо мекунем, ки ҳар яки он мувофиқи илми замонаш паҳлуҳои муҳимтарини ин падидаро муайян менамояд.

Сисерон чунин ишора мекунад: "Мисли он ки замин бекоркард ҳосил намедиҳад, ҳамин тавр - нафс (рӯҳ) низ чунин аст. Фалсафа - коркарди нафс аст, он гӯё аз нафс нуқсонҳоро тоза намуда, рӯҳу нафси инсонро ба қабули "зироат" омода намуда ва дар он танҳо тухмҳоеро мекорад, ки сабзида, ҳосили фаровону муфид меоваранд.

Ба ақидаи Сисерон, фарҳанг - ба воситаи фалсафаи тарбия ва ташаккул додани нафс ва нутқи инсон мебошад. Он ба шаҳрванд суханвариро меомӯзад, то ки ӯ дар маҷлисҳои сиёсӣ фаъолона баромад карда тавонад. Ҳамин тариқ, дар давраи антиқа маданияти шаҳрвандии хусусияти фарҳангдорӣ ва демократияро муайян менамуд, "маданият" бо калимаи "мадина"-и арабӣ (маъноаш шаҳр) ҳамреша мебошад, дар асл мафҳуми ба урфу одатҳои шаҳриён наздик шуданро ифода мекунад, ба маънои васеаш фазои иҷтимоии шаҳрро дар назар дорад.

То давраи маорифпарвари вожаи "фарҳанг" танҳо дар шакли иборҳои таркибии "коркарди фарҳанги қоидаҳои рафтор", "фарҳанги хат", "фарҳанги такмили забон" ва ғайра вомехӯрад, ки бештар барои ифодаи ягон вазифаи муайян истифода мешуданд. Дарку омӯзиши фараҳанг ҳамчун падидаи сифати иҷтимоии хоси инсон дертар дар асри XX оғоз ёфт. Файласуфони давраи маорифпарвари ба "фарҳанг" моҳияти инсони бахшида, онро чун дараҷаи одамият ба бойигари маънавӣ олами ботини инсонро фаро мегирифт, муайян намудаанд.

Фарҳанг таҷассумгари тамоми он чизест ки одамро аз табиат ва мавҷудоти дигар тафовут мебахшад. Фарҳанг фазилати инсон аст. Тарбият бо қонуну пояҳои хеш мустақил вуҷуд дорад. Инсон дар тамоми ҳаёт ҳамеша худро ба тарбият муқобил гузошта, ба тавассути эҷодкориҳо ба навсозии он мавҷудияташро дар олам ҳифз мекунад. Фарҳанг ҷузъи аз тарафи инсон фарогирифта ва комилан тағйир додашудаи тарбият мебошад.

Ҳамин тариқ, моҳияти фарҳанг дар он аст, ки вай ченаки муайянкунанда ва асоси ҳаёти инсонро ташкил дода, василаи инсони ҳастиро дар худ таҷассум менамояд. Фарҳанги инсонӣ ба воситаи шуур ва системаи рамзҳо ба вуҷуд омада, аз насл ба насл мегузарад. Ба василаи фарҳанг инсон аз ҳолати ҳайвонӣ баромада, ба дараҷаи "одамият" мерасад.

***Шоира ҚУРБОНОВА,***
***ассистенти кафедраи фалсафа***

*Ба ширинзабониву лутфу хушӣ,*
*Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.*
*Саъдӣ Шерозӣ*

Анвори дониш
№7 (343), ҶУМЪА, 13.10.2023



Ва ҳамин ҳисси баланди масъулият дар назди таърихи миллати тоҷик ва тақдири имрӯзу ояндаи халқи Тоҷикистон ҳар яки моро водор месозад, ки истиқлолу озодии давлатамон, яъне муқаддастарин ва бузургтарин неъмати зиндагиамонро бо тамоми ҳастӣ ҳифз кунем, ҳушёру зирак бошем, дар ғафлат намонем, заҳмат кашем ва қарзи фарзандии худро дар назди Ватани азизамон ба ҷой орем.



# СОЛРӮЗ ХУҶАСТА БОД!

*Маъмурият, ҳайати профессорону устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, инчунин ҳайати эҷодии рӯзномаи "Анвори дониш" омӯзгорон ва кормандони зерини донишгоҳро, ки моҳи октябри солиёни гуногун таваллуд шудаанд, табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Яздони пок бароишон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд, тани неруманд ва дар кору фаъолияташон комёбиҳои бенazirро таманно доранд. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд, чун Рӯдакӣ хушбаён, чун Саъдӣ дарозумр, чун Ҳофиз шуҳратманд ва чун Ҷомӣ хоксор бошед! Ҳеҷ гоҳ БАХТ ва ХИЗР кошонаи шуморо тарк насозанд! Мисли гулҳои баҳорӣ, ки ҳама саросар зебо ҳастанд, зебо бимонед. Хушиву хурсандӣ, ки беҳтарин ҳамсафари инсонанд, доим ҳамсафаратон бод!*

*Бигузор дар умратон баракат ва дар касбатон муваффқият пайваста амалӣ гардад.*

1. ХОЛИҚОВ САФАР, 1.10.1957, номзади илмҳои химия, дотсент, мудири кафедраи химия ва методикаи таълими он;
2. ЗАРИФЗОДА ФАРИШТА, 1.10.1978, ассистенти кафедраи химия;
3. ЧОЛОВА САОДАТ, 2.10.1989, ассистенти кафедраи химия;
4. РАҶАБОВА ДИЛБАР, 2.10.1975, лаборанти кафедраи таърихи халқи тоҷик;
5. УРОҚОВ МИРЗОМУРОД, 3.10.1982, номзади илмҳои педагогика, саромӯзгори кафедраи химия;
6. ҶУРАЕВ КУЛОБӢ, 3.10.1955, саромӯзгори кафедраи математика ва методикаи таълими он;
7. НОСИРОВ ХОЛ, 5.10.1946, саромӯзгори кафедраи таърихи умумӣ ва методикаи таълими таърих;
8. ЗАРДОВ ҶУМЪА, 6.10.1963, саромӯзгори кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
9. ФАРЗОНАИ ИЗЗАТ, 6.10.1989, фаррош;
10. ГУЛМАДОВА УМЕДА, 7.10.1983, ассистенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ;
11. РАҲИМОВА ОИШАМО, 7,10,1963, фаррош;
12. МАҲСИДДИНОВ БАХТОВАР, 8.10.1989, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;
13. АШӮРОВА САОДАТ, 8.10.1981, ҷонишини декан оид ба тарбияи факултети физика ва математика;
14. ДАВЛАТОВА РАЪНО, 9.10.1960, ассистенти кафедраи забони муосири рус;
15. ҒОЛИБҶОНИ РАҶАБАЛӢ, 10.10.1991, ассистенти кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
16. МИРЗОЕВА МАЛОҲАТ, 10.10.1988, ассистенти кафедраи математика ва методикаи таълими он;
17. БОРОНОВА ҶАМИЛА, 11.10.1976, фаррош;
18. БОБОЕВА БИБИРАЪНО, 11.10.1976, фаррош;
19. МУРОДОВ РАВШАН, 12.10.1964, ассистенти кафедраи забони ҳозираи рус;
20. ҚУРБОНОВ НЕКРӮЗ, 13.10.1992, ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг
21. БАРОТОВ ҶУМАХОН, 13.10.1957, номзади илмҳои география, дотсенти кафедраи география ва туризм;
22. МОҲИРАИ ҶУРАХОН, 13.10.1991, ассистенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идора;
23. ФАЙЗУЛЛОЕВА ФИРӮЗАМО, 14.10.1965, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони рус;
24. ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО, 15.10.1946, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа;
25. НАБИЕВА САВЛАТ, 16.10.1962, мудири кабинети кафедраи педагогика;
26. СУЛАЙМОНИ САЙДАЛИШОҲ, 17.10.1994, муҳосиб;
27. САИДОВА ИЗЗАТМО, 18.10.1963, лаборанти калони кафедраи адабиёти рус ва хориҷӣ бо МТЗАР;
28. ШОИМАРДОНОВ ХАЙРУЛЛО, 18.10.1987, муаллими калони кафедраи тарбияи ҷисмонӣ ва методикаи таълими он;
29. МУРОДОВ ТЕМУР, 19.10.1958, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносӣ;
30. САФАРЗОДА МАНУЧЕҲР, 19.10.1979, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсия;
31. НЕЪМАТОВА НАРГИС, 20.10.1978, коргузори кафедраи иқтисод ва идора;
32. АФИЗОВ СӮҲРОБ, 21.10.1988, ассистенти кафедраи методикаи таълими информатика;
33. САТТОРОВ ҚОБИЛҶОН, 21.10.1992, мутахассиси Раёсати таълим;
34. КОМИЛОВ НИЗОМИДДИН, 23.10.1984, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи молия ва қарз;
35. САЙДАЛИЕВА ФОТИМА, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забоншиноси ва типологияи муқоисавӣ;
36. САЙДАЛИЕВА ЗУХРО, 23.10.1988, ассистенти кафедраи забоншиноси ва типологияи муқоисавӣ;
37. ДАМИНЗОДА ХАТИЧАМО, 24.10.1966, саромӯзгори кафедраи фанҳои гуманитари ва методикаи таълими онҳо;
38. ҶУМАЕВА ДИЛОРОМ, 24.10.1985, номзади илмҳои филологӣ, саромӯзгори кафедраи забони муосири рус;
39. ОДИНАЕВА ГАДОЙБӢ, 28.10.1964, танзимгари факултаи физика ва математика;
40. ПИРНАЗАРОВ ЭМОМНАЗАР, 28.10.1969, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, мудири кафедраи сиёсатшиносӣ;
41. БОЗОРОВА МАВЗУНА, 28.10.1985, фаррош;
42. БАЖОВА МАЛИКА, 29.10.1972, саромӯзгори кафедраи таҳлили математика ва назарияи функсияҳо;
43. МУРОДОВА САОДАТ, 31.10.1960, ассистенти кафедраи физикаи умуми ва назариявӣ;
44. МУРОДОВА ХОСИЯТ, 31.10.1968, фаррош;
45. ШАРИФОВА МАЙСАРА, 31.10.1963, фаррош.

ЗИНАТИ ИНСОН СЕ ЧИЗ АСТ: ИЛМ, МУҲАББАТ ВА ОЗОДӢ

АНВОРИ ДОНИШ

МУАССИС:
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

РАҲМОН ДИЛШОД САФАРБЕК,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

ИБОДОВ МАҲМАДУЛЛО,
доктори илмҳои фалсафа, профессор

АБДУСАМАДЗОДА ЭРАҶ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ХУДОЙДОДОВА ШАРОФАТ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

ҒУЛОМОВ ИСЛОМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

АБДУЛЛОЕВ МАҲМУД,
доктори илмҳои таърих, профессор

МИРЗОЕВ САЛИМ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор

ИЗЗАТУЛЛОЕВ КУГАН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

РАФИЕВ САФАРХОН,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

САФАРЗОДА МУНИР,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент

ЗУЛФИЕВ ГАДОМАД,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

САРМУҲАРРИР:
ҶАҲОНГИР РУСТАМШО,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии ҳайати эҷодии рӯзнома махсуб намешавад. Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.

Рӯзнома дар ҶДДМ "Мега-принт" ба табъ расидааст.
Адади нашр 5000

Нашрия дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №364/РЗ-97, 31.03.2023 аз нав ба қайд гирифта шудааст.

Маводҳо бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешаванд. Рӯзнома тариқи обуна дастрас мегардад.

НИШОНӢ:
735360. ш.Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16
E-mail: anvor.donish@kgu.tj
Телефон: корӣ: (83322) 3- 31- 15,
мобилӣ: 985-76-77-12; 981-00-02-19